**БОРИ АВВАЛ. ТОҶИКИСТОН ДАР 1/4 ФИНАЛИ ҶО** с.10

**ОБ ҲАМ ҚИММАТ ШУД** с.3

**8 ЗАХМИ КОРД БАРОИ 37 СОМОНӢ** с.11





# ТОҶИКИСТОН

№5 (1568), 31.01.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992


# УТИЛИЗАТСИЯ

## ДАРОМАД 1 МЛРД. ОН КУҶО МЕРАВАД?

*Таснифоти пардохти ҳаққи утилизатсияи наклиёти мусофирбар ва махсус нишон дода нашудааст, онҳоро бо арзиши наклиёти хусусӣ ҳамроҳ ҳисоб мекунем:*




Наклиёти хусусӣ, мусофирбар ва махсус (525028x1548) 831 миллиону 644 ҳазору 352 сомонӣ

Наклиёти боркаш (50248x2880) = 144 миллиону 714 ҳазору 240 сомонӣ

Мотосикл (2036x360) = 732 ҳазору 960 сомонӣ

**ҶАМЪУЛҶАМЪ: 977 МЛН 091 ҲАЗОРУ 552 СОМОНӢ**


M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ширкати сохтмонӣ —
*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

**МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»**

*Маҷмааи бисёрфунксионалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истикоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



*Телефони шуъбаи фурӯш:* +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33


## ДАР ИН ШУМОРА:


**ДИЛРАБО МАНСУРӢ**
Муовини нави сарвазир кист? с.2

**БОЗ $ 2 МЛН**
Кумаки Чин барои сохтмони бинои Ҳукумати Тоҷикистон с.3

**ПУТИН**
Талоши панҷум барои курсии президентӣ с.4

**НИКОЛАЙ ПРОХОРОВ**
Ҳаммуаллифи Бобоҷон Ғафуров кист? с.8

**ГӮРҒУЛӢ**
Ҳунаре, ки аз байн меравад с.9

**ҶИНОЯТ**
Тоҷик гумонбари тирборони Калисои масеҳӣ с.11

**РОҲ БА СӮЙИ ОЛМОН**
Омӯзгори тоҷик онро ба рӯйи шогирдонаш боз мекунад? с.13

**КАНЗИ ШИФО**
Чаро дар ҷавонӣ мӯйсафед шудам? с.12

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Ӯзбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таaллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
21 000 нусха.


## БИР БАРОИ РУШДИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ҚАРЗ МЕДИҲАД

**Байни Тоҷикистон ва Бонки Исломии Рушд 4 созишнома дар бахши рушди соҳаи маориф ба имзо расид.**

Созишномаҳоро вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва директори минтақавии Бонки Исломии Рушд дар Осиёи Марказӣ Иброхим Шукрӣ ба имзо расониданд.

Мақсади маблағгузории марҳилаи дуюми лоиҳаи "Дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф" - ин мусоидат бахри беҳтар намудани муҳити омӯзиш ва таҳкими низоми маориф дар Тоҷикистон тариқи навсозӣ ва васеъ гардонидани дастрасӣ ба инфрасохтори мактабӣ, ташкил ва тавсеаи низоми омӯзиши пайвастаи касбии омӯзгорон, ҷорӣ намудани арзёбии миллии омӯзиш ва мониторинги дастовардҳои таълим мебошад.

Арзиши созишномаҳо 70 млн долларро ташкил намуда, 45 млн доллар аз ҳисоби маблағҳои қарзии имтиёзноки Бонки Исломии Рушд ва 25 млн доллар аз ҳисоби гранти Фонди Шарикии глобалӣ дар соҳаи таҳсилот, ки тавассути Бонки Исломии Рушд маъмурӣ кунонида мешавад, маблағгузорӣ мегардад.

## ДОНИШҶӮЙИ БЕҲТАРИН ДАР РУСИЯ. САРВАРШОҲ АЗИМОВ КИСТ?

**Сарваршоҳ Азимов беҳтарин донишҷӯйи соли 2023 дар Русия дониста шуд. Номбурда хатмкардаи Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор аст.**

Комиссияи озмуни «Донишҷӯи сол - 2023» дар Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия даври ниҳоии озмунро баргузор ва беҳтаринҳоро муайян намуд.

Дар натиҷа, мувофиқи қарори комиссияи озмун аз рӯи холҳои бадастоварда ҷойи аввалро Сарваршоҳ Азимов, донишҷӯйи Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналхалқии шаҳри Москва соҳиб гардидааст.

Озмуни «Донишҷӯи сол - 2023» байни донишҷӯёни тоҷикро, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии Русия таҳсил менамоянд, Шӯрои ҷамъияти назди Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Русия ва Вазорати илм ва таҳсилоти олии Русия ташкил ва баргузор намуданд.

Мақсад аз баргузории озмун дарёфти чеҳраҳои нави ҷавонони лаёқатманди тоҷик дар Русия, муаррифи ҷавонони соҳибистеъдод, муттаҳид намудани ҷавонон дар хориҷи мамлакат, муаррифии чеҳраҳои нав дар байни донишҷӯён мебошад.

## ТОҶИКИСТОН ДАР РАДДАБАНДИИ ДАРКИ КОРРУПСИЯ ҶОИЙ ЧАНД АСТ?

**Созмони байналмилалии Transparency International (Шаффофияти Байналмилал) дар бораи вазъи марбут ба коррупсия дар ҷаҳон дар соли 2023 гузориш нашр кард.**

Дар Шохис (Индекс)-и нави дарки (қабули) коррупсия Тоҷикистон бо 20 имтиёз байни 180 кишвар зинаи 162-юмро ишғол кардааст.

Сатҳи қабули коррупсия дар Тоҷикистон ҳамсон бо Афғонистон буда, ин кишвар ҳам 20 имтиёз гирифтааст: онҳо ҳамроҳи давлатҳое чун Бурунди, Чад, Ҷазираҳои Комор, Конго, Мянма ва Судон дар ҷойи 162-юм қарор доранд.

Зинаи аввалро бо 90 имтиёз Дания ишғол намуда, ба сегонаи аввал Финландия (87 имтиёз) ва Зеландияи Нав (85) шомиланд. Дар зинаҳои баъдӣ Норвегия (84), Сингапур (83) ва Шветсия (82) қарор доранд.



## ШИНОС ШАВЕД: ДИЛРАБО МАНСУРӢ - МУОВИНИ САРВАЗИР

**Бо фармони Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Дилрабо Мансурӣ муовини сарвазири Тоҷикистон таъин гардид. Ӯ то 29-уми январи соли 2024 муовини раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон буд.**

Дилрабо Мансурӣ кист? Ӯ 29-уми январи соли 1974 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Филиали Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷандро бо ихтисоси муҳандис-технолог хатм кардааст. Солҳои гуногун дар филиали донишгоҳи номбурда фаъолияти омӯзгорӣ дошт. Солҳои 2014-2015 директори ин муассиса буд.

Соли 2015 вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шуд. Соли 2020 такроран вакили парлумон интихоб шуд.

Доктори илмҳои техникӣ ва узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, забонҳои русиву англисиро медонад.

Оиладор ва соҳиби 2 фарзанд аст.

## САРИ САБЗ



**Назруллоҳ НАЗАРОВ,**
**шоир ва тарҷумони тоҷик**

**- Баъзе аз сурудҳои ҳунармандони тоҷикро ба забони арабӣ тарҷума кардам. Суруди "Хосияти дукокула"-и устод Ҷӯрабек Муродовро ба лаҳҷаи ироқии забони арабӣ тарҷума кардам, то онро дар маҳфилҳои ҳунарӣ дар Ироқ сароянд.**

*- Яке аз беҳтарин рисолатҳоро ба анҷом расонидаед, хуш ба ҳолатон. Аммо агар имрӯз ҳам чунин тасмиме бигиред, суруди кадом ҳунарманд барои тарҷума меарзад?*



**Муҳсин МУҲАММАДИЕВ,**
**ноиби президенти тими "Истиқлол"**

**- Самимиятро эҳсос мекунам. Аз чунин дастгирӣ хеле хурсандам. Ташаккури зиёд ба мухлисон аз Қирғизистону Қазоқистон ва Ӯзбекистон. Мо ҳам аз самими дил ба мунтахабҳои ин кишварҳо мухлисӣ мекунем. Ҳамин тавр ҳам бояд бошад.**

*- Ҳамеша ва дар ҳама ҳолат бояд ҳамин тавр бошад? Раваду мунтахаби кишвари мо бо мунтахаби яке аз ин кишварҳо вориди майдони рақобат гардад, киро мухлисӣ мекунед?*



**Игор ЧЕРЕВЧЕНКО,**
**собиқ сармураббии тими "Истиқлол"**

**- Бар ин назарам, ки бояд дар вақти асосӣ ғолиб омада, бозиро то зарбаҳои 11-метра намерасонидем. Лаҳзаҳои хуби голзанӣ буд. АМА қариб ягон лаҳзаи хубе ҳам ташкил карда натавонистанд, ба ҷуз ба паҳлуҷӯби дарвоза бархӯрдани тӯб дар охири бозӣ.**

*- Акнун, баҳилиро як сӯ партоед да, ҷаноб! Паҳлуҷӯб буд, чизе буду набуд, мо ғалаба кардем. Хурсандии Петар Шегртро дидед, ки чӣ хел нидо мекард: "Тоҷикистон, ба пеш!"?*

# ОБ ҲАМ ҚИММАТ ШУД



**ДАР ТОҶИКИСТОН НАРХИ ОБ ҲАМ ГАРОН МЕШАВАД, ҲАМ ОБИ ПОЛЕЗӢ, ҲАМ ОБИ НӮШОКӢ…**

### Нархи оби полезӣ 150% боло рафт

Арзиши оби полезӣ дар Тоҷикистон 150% баланд шуд. Нархномаи нав аз охири моҳи январ дар амал татбиқ шуд. Ҳамакнун ҳар 1 кубометри он 5 дирам муқаррар шудааст. Дар ҳоле, ки то кунун нархи он 2 дирам буд.

Болоравии нархи оби полезӣ бештар кишоварзонро нигарон кардааст. “Чанд сол аст аз об танқисӣ мекашем. Ба пойгоҳҳои обкашӣ пул дода, заминамонро обёрӣ мекунем. Инак, нархи он боз боло рафтааст”,- бо таассуф мегӯяд Шамсулло Бекмуродов, як деҳқон аз ноҳияи Зафаробод.

Аз Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ гуфтанд, ки нарх бо пешниҳоди ин идора ва бо қарори Хадамоти зиддиинҳисорӣ боло бардошта шуд. “Сабаб зиёд шудани хароҷоти хоҷагиҳои оби шаҳру ноҳияҳои кишвар мебошад. Болоравии нархи барқ боз ҳам хароҷоти кори моро зиёд мекунад”,- гуфт як масъули агентӣ.

Тибқи иттилои сардори Идораи беҳдошти замин ва обёрӣ дар вилояти Суғд Ҳалимҷон Ҳоҷиев, дар вилоят 250 ҳазор гектар замини кишоварзӣ мавҷуд аст, ки 75%-и он тавассути пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ мешавад.

Аммо масъулони идораи об мегӯянд, ки аксар хоҷагиҳои обрасонӣ аз ҳақи истифодаи барқ қарздор ҳастанд ва дар шароити боло рафтани нархи истифодаи барқ боз ҳам пардохти маблағи он душвор мегардад.

Бино ба иттилои масъулин, ҳоло ҳаҷми қарзи барқ дар назди хоҷагиҳои обрасон беш аз 60 миллион сомонӣ гуфта мешавад.

### Оби нӯшокӣ ҳам гарон мешавад?

Пас аз болоравии нархи оби полезӣ дар Тоҷикистон ният доранд, ки нархи оби нӯшокиро ҳам баланд бардоранд. Масъалаи болоравии тарифҳо ба хадамоти коммуналӣ ва таъминот бо об мавриди баррасӣ қарор дорад. Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ дар КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” (КВД ХМК) хабар дода шуд.

“Дар шароите, ки тарифҳо ба неруи барқро якчанд маротиба боло бурданд, нархҳо ба хадамоти ХМК поинтар аз арзиши аслиашон қарор доранд”,- зикр карданд дар корхона.

Ба иттилои КВД ХМК, айни замон Хадамоти зиддиинҳисорӣ масъалаи болоравии арзиши обро баррасӣ дорад.

Хадамоти коммуналӣ 15-20% боло бурдани тарифҳоро пешниҳод мекунанд. Аммо дар бораи кай тасдиқ ва эълон шудани тарифҳои нав маълумоти мушаххас нест.

Алҳол тарифҳо ба баровардани партов ва таъминот бо об бетағйир боқӣ мондаанд. Ахиран онҳо соли 2015 (барои баровардани партовҳои сахти маишӣ) ва соли 2018 (барои оби нӯшокӣ ва обу корез) тағйир ёфта буданд.

Айни замон тарифҳо ба 1 метри мукааб барои аҳолӣ 1,09 сомонӣ, барои ташкилотҳои буҷетӣ 2,02 сомонӣ, барои корхонаҳои тиҷоратӣ 3,48 сомониро ташкил медиҳад. Барои хидматрасониҳои обу корез барои 1 метри мукааб аҳолӣ 0,55 сомонӣ, ташкилотҳои буҷетӣ 1,09 сомонӣ, корхонаҳои тиҷоратӣ 1,88 сомонӣ пардохт мекунанд.

Дар Душанбе, Хуҷанд, Файзобод, Роғун ва Норак тарифҳои дигар амал мекунанд, зеро низоми коммуналии ин шаҳрҳо ба низоми хоҷагии манзилию коммуналии ҷумҳурӣ дохил нест.

Директори генералии КВД ХМК Тоҷикистон Усмон Давлатзода хабар медиҳад, ки дар соли 2023-юм 66%-и аҳолии ҷумҳурӣ ба таъминот бо об дар шакли мутамарказ дастрасӣ доштанд, ки 6,3% зиёдтар нисбат ба соли 2022 мебошад.

Теъдоди аҳолие, ки ба оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ доранд, ба 6 млн 741 ҳазору 676 нафар расида, дар муқоиса бо соли гузашта 1 млн 618 ҳазор нафар зиёд аст.

## ЧИН БАРОИ БИНОИ НАВИ ҲУКУМАТ БОЗ 2 МЛН ДОЛЛАР МЕДИҲАД

**Ҷумҳурии мардумии Чин барои сохтани толори маҷлисгоҳ дар бинои нави Ҳукумати Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе боз 2 миллион доллар кумаки молӣ ҷудо кард. Дар ин бора Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон хабар дод.**

Тибқи иттилои ин ниҳод, рӯзи 29-уми январ санади дахлдор дар ин замина миёни Завқӣ Завқизода, вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон ва Ҷи Шумин, сафири Чин дар Душанбе имзо шуд.

Тавофуқ барои сармоягузории иловагии лоиҳаи бунёди бинои нави Ҳукумати Тоҷикистон моҳи августи соли гузашта зимни сафари Рустами Эмомалӣ, раиси Маҷлиси миллии Тоҷикистон ва шаҳрдори Душанбе ба Чин ҳосил шуда буд.

Таъкид мешавад, ки ҷонибҳо ҳамчунин раванди сохти бинои нави Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бинои қисмати «Б»-и ин иншоотро баррасӣ карданд.

Ёдовар мешавем, ки давлати Чин барои бунёди биноҳои нави парлумон ва Ҳукумати Тоҷикистон дар маркази шаҳри Душанбе кумаки молӣ ба маблағи 1,5 миллиард юани чинӣ, муодили тақрибан 220 миллион доллар ҷудо кард.

Интизор аст, ки бунёди ин иншооти муосир ва муҳташам соли равон ба итмом расад.



## ЯК ХАБАРУ ДУ НАЗАР

### 194 КАСБ БАРОИ ЗАНОН МАНЪ ШУД

*Ҳукумати Тоҷикистон рӯйхати корҳои “мамнуъ” барои занонро тасдиқ кардааст. Аз ин ба баъд занони тоҷик ҳақ надоранд, ки ба 194 касб машғул шаванд. Аз ҷумла, дар бахши истихроҷи маъдан, кафшергарӣ ва нақбканӣ барои занон дар Тоҷикистон иҷозат нест. Аммо ин рӯйхат боиси нигаронии Созмони Милали Муттаҳид шудааст. СММ вуҷуди ин рӯйхатро нақзи ҳуқуқи занон ва риоя накардани баробарии гендерӣ медонад. Қаблан низ СММ аз Тоҷикистон талаб карда буд, ки ин рӯйхатро бекор кунад. Қаблан машғул шудани занони тоҷик ба 334 касб мамнуъ буд.*



**Акобир ҚУРБОНОВ, масъули Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон**

Рӯйхати нави корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ аст, 30-юми декабри соли 2023 тасдиқ шудааст. Дар ин рӯйхат корҳое омадаанд, ки барои занон хатарнок ва ба саломатии ин қишри ҷомеа зарар доранд. Бар асоси рӯйхати нав, занон ҳақ надоранд ба ҳайси харрот, пармагар, заминкоб-нақбкан, кӯҳкан, устои бомпӯш, наҷҷор, челонгари барқӣ ва касбҳои ба ин монанд кор кунанд.

Мо тарафдори он ҳастем, ки ин рӯйхат набошад. Аммо мутаассифона шароитҳое ҳаст, ки дар онҷо кор кардани занон зараровар аст.

Агар шароити меҳнат беҳтар шавад, ин рӯйхат дар оянда аз байн меравад. Ҳоло барои бекор кардани рӯйхати корҳои манъшуда “барвақт” аст.



**Маҳпора КИРОМОВА, рӯзноманигор**

Талаби Созмони миллали муттаҳид ин аст, ки рӯйхати корҳои вазнин ва хатарнок на бо такя ба ҷинсият, балки бо такя ба имкониятҳои ҷисмонии шахсон тартиб дода шавад.

Агар ба ин рӯйхат назар кунед, мебинед, ки дар он номгӯи корҳое гирдоварӣ шудааст, ки барои бонувон вокеан душвор аст. Масалан коркарди метал ё истеҳсоли моводи кимиёвӣ.

Аммо ҳар чизе, ки ба саломатии зан зарар дорад, албатта ба саломатии мард ҳам зарар дорад.

Яъне Созмони миллали муттаҳид аз мо хоҳиш мекунад, ки аз нигоҳи ҷинсият ин мавзӯъро баррасӣ накунед, аз рӯи имкониятҳои ҷисмонӣ баррасӣ намоед.

## АЗ НИШАСТИ МАТБУОТӢ



**Агентии хизмати давлатии назди Президенти Тоҷикистон дар соли 2024 сомонаҳои тамоми мақомоти давлатиро аз санҷиш мегузаронад.**

Директори агентӣ Ҷумъа Давлатов зимни нишасти матбуотӣ иброз дош, ки то имрӯз аз ҷониби агентӣ ягон маротиба мониторинги сомонаҳо гузаронида нашудааст. Аммо дар назар аст, ки сомонаҳои тамоми мақомоти давлатии мамлакат аз санҷиш гузаронида шаванд.

Гуфта мешавад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми июли соли 2017 Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет қабул ва мавриди иҷро қарор дода шудаанд.



**Барои кӯчонидани 343 оилаи тоҷик аз қитъаҳои нисбатан хатарнок ба минтақаҳои бехавф хулоса пешниҳод шуд.**

Сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Тоҷикистон Илҳомҷон Оймуҳаммадзода зимни нишасти хабарӣ гуфт, ки дар зиёда аз 170 қитъа дар саросари ҷумҳурӣ мониторинг ва таҳқиқоти муҳандисиву геологӣ гузаронида шудааст. Аз рӯи натиҷаи онҳо Саридораи геология дар бораи кӯчонидани аҳолӣ ба минтақаҳои бехавф ба хулосаи мусбат расид. Чунин қитъаҳо бештар дар ноҳияҳои Нуробод - 72, шаҳри Ваҳдат - 61, Тоҷикобод - 49 ва Лахш - 38 ҷойгир буда, дар ноҳияҳои гуногун дар ҳамаи минтақаҳои кишвар аз 1 то 30-то чунин қитъаҳо мавҷуданд.



**Муовини аввали вазири фарҳанги Тоҷикистон мегӯяд, ки ҳадафи танзими сафари ҳунармандони хориҷӣ ба Тоҷикистон пешгирӣ аз порнография ва экстремизм аст.**

Ба қавли Обид Назариён, муовини якуми вазири фарҳанг, сафари хунармандоне, ки ба Тоҷикистон меоянд, бо ҳамкории Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон назорат карда мешавад.

“Вазорати фарҳанг барномаи ҳунармандони хориҷиро ба он хотир талаб мекунад, ки донад барномаҳои порнографӣ ё экстремистӣ надошта бошанд. Маҳз ба ин хотир барномаи онҳо бо мо бояд мувофиқа карда шавад”,- шарҳ дод Назариён.

# ПАНҶУМИН ТАЛОШИ ПУТИН БАРОИ КУРСИИ ПРЕЗИДЕНТӢ

РИА НОВОСТИ

**Комиссияи марказии интихоботи Русия Владимир Путинро ҳамчун номзад барои ширкат дар интихоботи навбатии президентӣ сабти ном кард.**



Дар ин бора Элла Памфилова - раиси Комиссияи марказии интихоботи Русия хабар дод.

Феълан, Владимир Путин чаҳорумин номзади сабтиномшуда барои ширкат дар интихоботи навбатии президентӣ аст.

Қаблан комиссия намояндагони се ҳизби порлумонӣ - Леонид Слутский (ЛДПР), Владислав Даванков (Одамони нав) ва Николай Харитонов (Ҳизби коммунисти Русия)-ро ҳамчун номзад дар интихобот сабти ном карда буд.

Барои Путин интихоботи дарпешистода панҷумин интихобот дар корномаи сиёсии ӯ хоҳад буд.

Пеш аз ин Владимир Путин чаҳор маротиба (2000, 2004, 2012, 2018) раҳбари давлати Русия интихоб шуд.

Ёдовар мешавем, ки интихоботи президентии Русия рӯзи 17-уми марти соли равон баргузор мегардад.

# ҶАББОРОВ БОЗ ПРЕЗИДЕНТ МЕШАВАД...

interfax

**Аскат Алагозов - сухангӯйи президенти Қирғизистон эълон кард, ки Содир Ҷабборов дар интихоботи навбатии президентӣ, ки соли 2026 баргузор мешавад, иштирок хоҳад кард.**



"Президенти мо дар интихоботи навбатӣ иштирок мекунад. Конститутсия инро иҷозат медиҳад. Барои ҳамин, ӯ кореро дар нимароҳ намегузорад”,- мегӯяд номбурда.

Тибқи Конститутсияи Қирғизистон, ки соли 2021 қабул шуд, президенти ин кишвар барои 5 сол интихоб мешавад ва ҳамчунин ҳақ дорад номзадияшро барои даври дувум пешбарӣ кунад.

Содир Ҷабборов соли 2021 президенти Қирғизистон эълом шуд. Он замон Конститутсияи пешин амал мекард ва ба як нафар ҳақ медод, ки кишварро танҳо 6 сол раҳбарӣ кунад.

# МӮРУ МАЛАХ - ХӮРОКИ АСРИ XXI

DW Deutsche Welle

**Дар Иттиҳоди Аврупо хӯрдани тамоми намуди кирмҳо ва малах иҷозат дода шуд.**

Ин пешниҳод ҳанӯз моҳи январи соли 2023 шуда буд. Ҳоло аз соли 2024 дар тамоми ресторанҳои Иттиҳоди Аврупо тайёр намудани хӯрок аз ин навъи ҳашарот расман иҷозат дода шуд.

Дар ҳамин ҳол, бисёре аз коршиносони урупоӣ розӣ ҳастанд, ки ҳашарот алтернативаи хуби гӯшт ва моҳӣ мебошанд.

Қаблан дар Иттиҳоди Аврупо расман танҳо ду намуди ҳашарот барои пухтупаз истифода мешуданд: кирми зарди оддӣ (Tenebrio molitor) ва малахҳо (Locusta migratoria). Аммо ҳашарот барои олмониҳо ғизои хеле экзотикӣ боқӣ мемонад.





# ТРАМП $83 МЛН ҶУБРОН МЕДИҲАД

BBC

**Суди федеролӣ президенти пешини Амрико Доналд Трампро вазифадор кард, ки ба Ҷин Кэрролл 83,3 миллион доллар ҷуброн диҳад.**

Қарор рӯзи 26-уми январи имсол содир шуд.

Хонум Кэрролл даъво дорад, ки Доналд Трамп дар солҳои 90-ум аввал ӯро таҷовуз ва баъдан ба дуруғгӯйӣ муттаҳам кардааст. Ин обрӯйи ӯро ҳамчун хабарнигори қобили эътимод аз байн бурд.

Кэрролл 80-сола аст. Ӯ журналист ва нависанда мебошад.

Вай моҳи ноябри соли 2019 Трампро ба додгоҳ кашид.

Доналд Трампи 77-сола иддао кард, ки дар бораи Кэрролл чизе намедонад ва бовар дорад, ки ӯ достонро барои бештар фурӯхтани китоби хотираҳояш сохтааст.

*Қадрдонӣ*

# БЕШ АЗ НИМ МИЛЛИОН ДОЛЛАР

## Мукофоти Рустами Эмомалӣ ба дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон

**Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон (ФФТ) Рустами Эмомалӣ дастаи мунтахаби кишварро, ки дар Ҷоми Осиё-2023 дар Доҳа бомуваффақият ҳунарнамоӣ кард, ба таври шоиста қадрдонӣ намуд.**



Тавре маркази матбуоти ФФТ хабар медиҳад, бо фармони Рустами Эмомалӣ ба Тими миллии Тоҷикистон 300 ҳазор доллар мукофотпулӣ ҷудо шуд.

Илова бар ин, президенти ФФТ пас аз пирӯзии Тими миллии Тоҷикистон дар даври ҳаштякниҳоии Ҷоми Осиё-2023 бар тими Амороти Муттаҳидаи Араб (1:1, 5:3 аз рӯйи силсилаи пеналтӣ) ба яккачини Тоҷикистон 150 ҳазор доллари дигар ҷудо намуд.

Дар сурати пирӯзӣ бар тими миллии Урдун дар даври чорякниҳоии Ҷоми Осиё, мунтахаби Тоҷикистон 200 ҳазор доллари иловагӣ ба даст хоҳад овард.

Гуфта мешавад, ҳамчунин дар сурати пирӯзиҳои минбаъда дар Ҷоми Осиё-2023 ба мунтахаби Тоҷикистон мукофотҳои калон тақдим карда мешавад.

*Нигаронӣ*

# ДУШАНБЕГИҲОИ НАВ

## Чаро даст кашидан аз чорводорӣ барояшон душвор аст?

**Як гурӯҳ сокинони маҳаллаҳое, ки соли 2021 аз ноҳияи Рӯдакӣ ба ҳудуди пойтахт гузаронида шуданд, мегӯянд, мақомоти шаҳрдорӣ аз онҳо талаб кардаанд, ки чорводорию паранда парварӣ накунанд, ҳол он ки, барои бархе аз ин оилаҳо чорводорӣ ягона василаи таъмини оила аст...**



“Ман чанд сол Москва рафта меомадам, депорт шудам. Ҳоло гов бонӣ карда мефурӯшам. Як бурида нони 3 фарзандамро аз ин роҳ меёбам, вале ҳоло говдориро манъ кардаанд. Намедонам чӣ кор кунам”,- мегӯяд Сайфиддин, сокини 44-солаи маҳаллаи Лоҳутӣ.

Ёдовар мешавем, ки бар асоси қарори Маҷлиси вакилони шаҳри Душанбе аз 24-уми декабри соли 2021, ба сокинони ин маҳаллаҳо парвариши чорвою паранда барои ду сол иҷоза дода шуда буд. Акнун бо гузашти ин ду сол, шаҳрдорӣ мехоҳад сокинони ин деҳаҳо, ки ба ноҳияҳои Синову Фирдавсии Душанбе пайвастаанд, дигар ба ин кор машғул нашаванд.

Вале сокинони ин маҳаллаҳо мегӯянд, ки сатҳи шароити зиндагии онҳо барои шаҳр мувофиқат намекунад.

“Дар ин ҷо корхонае нест. Мо деҳқон ҳастему дар замин кор мекунем. Пас чаро гову мол надошта бошем?”,- мегӯяд Саидакрам, сокини маҳаллаи Озодии Занон.

Сокинони ин маҳалла низ аксар заминдор ҳастанд ва чорводорӣ мекунанд. Мегӯянд, ки ҳам ниёзи хонаводаашонро бо ширу тухм таъмин мекунанд ва ҳам мефурӯшанд. Дар сурати томоман манъ шудани чорводорӣ ва парандапарварӣ ба даромади хонаводаҳояшон зарари сахт мерасад.

“Умеди мо ба Рустами Эмомалӣ аст. Мо мехоҳем, ки ин қарорро ё бекор кунанд ё тамдид”,- мегӯянд сокинони ин маҳаллаҳо.

Тибқи иттилои ба мо расида, ҳоло кормандони Шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Исмоили Сомонӣ ва ШВКД ноҳияи Шоҳмансур, Сино ва Фирдавсӣ дар ҳамдастӣ бо раисони маҳаллаҳо ва Кумитаи бехатарии озуқаворӣ гурӯҳи корӣ созмон дода, дар маҳаллаҳои Обчакорон, Шайнак, Ҳазора, Дарёбод, Саркиштии болову поён, Гравзавод, Машъал, Ҳосилот-1, Чимтеппа, Гулбутта, Конститутсия, Чортут, Ленин, Маҳмадшои Боло-1 ва 2, Озодии Занон-1 ва 2, Чортут, Навбаҳор ва Бӯстон корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд.

Ёдовар мешавем, ки соли 2021 бо як тасмими Ҳукумати Тоҷикистон беш аз 7 ҳазор гектар замин ва 70 деҳаи ноҳияи Рӯдакӣ ба шаҳри Душанбе пайвастанд. Акнун онҳо ҳуқуқи чорводориро надоранд. Ин талабот аз соли 2009, замони шаҳрдор будани Маҳмадсаид Убайдуллоев дар Душанбе ҷорӣ шудааст.

**Д. ҚОДИРПУР**

АЗ НИШАСТИ МАТБУОТӢ



**Дар Тоҷикистон муштариёни пайваст ба шабакаҳои алоқаи барқӣ ба 7,8 миллион нафар расидаанд, ки аз онҳо 4,8 миллион нафар муштариёни фаъол мебошанд.**

Дар ин бора Илҳомҷон Атоев, муовини сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Тоҷикистон зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод.

Ӯ гуфт, ки ҳоло истифодабарандагони интернет дар якҷоягӣ бо истифодабарандагони интернети мобилӣ ва собит 4,1 миллион нафар мебошанд. Зимнан, аз ин миқдор ҳамагӣ 7476 нафар муштариёни дорои имтиёз мебошанд, ки ба онҳо ба маблағи 757,2 ҳазор сомонӣ хизматрасонӣ карда шудааст.



**Раиси Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон гуфт, ки хостори нашри бештари барномаҳои танқидӣ дар телевизионҳои давлатӣ мебошад.**

Нуриддин Саид 29-уми январ дар ҷараёни нишасти хабарии ниҳоди зери раҳбарияш ин нуктаро баён дошта, дар хитоб ба зердастонаш гуфт, ки аз танқид кардан натарсанд.

“Барномаҳои танқидиро бештар кардан даркор, аз танқид тарсидан даркор нест. Боз садҳо чизҳои дигар аст, ки охиста-оҳиста болои инҳо кор карданамон даркор, то система пурра ба ҳаракат дарояд”,- афзуд ӯ.

Масъулини Кумитаи телевизион ва радио таъкид намуданд, ки тариқи барномаҳои телевизионӣ масъалаҳои мухталиферо дар бахшҳои иқтисоду саноат, меъморӣ ва сохтмону кишоварзӣ инъикос намудаанд.



**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон бо 13 ташкилоти байналмилалӣ ва 32 муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷӣ ҳамкорӣ менамояд.**

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ ҳамакнун собиқ директори Академия Абдухалил Ғафурзода иттилоъ дод.

Иброз гардид, ки соли 2023 дар доираи барномаи табодули академӣ 45 донишҷӯ ба муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷии дигар давлатҳо, ки Академия бо онҳо созишномаи ҳамкорӣ дорад, ҷалб шудаанд.

Гуфта шуд, ки дар Академияи мазкур айни замон 28 нафар донишҷӯи ятими кулл ва имконияташон маҳдуд ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

*Пешниҳод*



# 100-СОЛАГИИ ҲАНИФА МАВЛОНОВА

## Он чӣ тавр таҷлил шуд?

**30-юми январ 100-солагии Ҳунарманди мардумии СССР Ҳанифа Мавлонова (30.01.1924, Хуҷанд - 24.10.2010, Москва ) аст. Ҳунарпешаи тоҷик, ки дар сароидани ду жанри мушкилу классикӣ - ҳам опера ва ҳам Шашмақом назир надошт…**

Дар кишварҳои зиёди олам, аз қабили Канада, Корея, Индонезия, Чину Олмон, Чехословакия, Муғулистону Лаҳистон ва боз даҳҳо кишварҳои дигар санъати миллии тоҷиконро дар замони Шӯравӣ муаррифгар буд. Бо назардошти истеъдоди баланд ва хизматҳои шоёнаш ҳанӯз соли 1968 Унвони баландтарин - Артисти халкии СССР-ро сазовор дониста буданд. Бо духтари он кас Гулнор, ки дар хориҷа зиндагӣ мекунад, сухбатҳои зиёд кардем ва накша доштем, ки то 100-солагӣ китоби хотиракҳоро чоп мекунем, аммо афсӯс, на ҳамеша барномарезиҳои мо бо имкониятҳои мо мувофиқат мекунад. Аҷиб, оё ҳоло дар Ватан ягон чорабинӣе ба ин муносибат доир шуд ва ё мешуда бошад?

**Насрулло ТУЙЧИЗОДА,**
**журналист**

*Аз забони рақамҳо*










# ФАРЗАНДОН МИСЛИ ГУЛҲОИ БОҒАНД

**Фарзандро ба гулҳои зебои боғе шабоҳат додаанд, ки агар боғбони хуб бошад, он гулҳо ҳамеша мешукуфанд. Аммо агар боғбони танбалу беparво бошад, гулҳои он боғ ба зудӣ хазон мегарданд.**

Тарбия ва парвариши фарзанд низ мисли парвариши гулҳои боғ аст. Вазифаи падару модар танхо ба дунё овардани фарзанд нест, балки тарбияи хуб додану ба камол расонидан низ ҳаст. Аммо, мутаассифона, баъзе падару модарон аз рӯйи мақоли “Хоча, боғ дорӣ? Ҳа, дорам” амал мекунанд. Яъне, ба маънои фарзанд дорам, шуд. Аммо ин андешаи онҳо хатост, чунки боғбон шудӣ, пас бояд меҳнати зиёд кунӣ, то ки боғат самараи зиёд диҳад.

Саъдии бузург дар як пандаш гуфтааст: “Туро пурсанд, ки ҳунарат чист? Нагӯяндат, ки падарат кист?”.

Ё ин ки, мегӯянд:

*Гирди номи падар*
*чӣ мегардӣ?*
*Падари хеш шав,*
*агар мардӣ.*

Хуб мешавад, агар падару модарон дороии худро барои ба даст овардани илму дониши фарзандонашон сарф кунанд. Набояд ба онҳо телефонҳои киммат, мошинҳои зебои хориҷӣ харанду пули зиёд барои айшу ишрат ва корҳои бехуда сарф кунанд. Пуле, ки бо меҳнат ба даст намеояд, инсонро тамоман танбалу маишатпараст мекунад. Бигзор фарзанд дар мадди аввал хонад, дониш гирад ва соҳибкор гардад. Ҳангоме ки хонда соҳибилм мегардад, ҷойи кори хуб ҳам насибаш мегардад ва ба қадри пулу зиндагӣ ва падару модар ҳам мерасад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст карданд, ки Қонун “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълуму тарбияи фарзанд”-ро қабул карданд. Ҳар як падару модарро лозим аст, ки дар бораи ояндаи фарзанди худ фикр кунад ва кӯшиш намояд, ки фарзандаш хонад ва ба умеди мероси падар нагардад. Он гоҳ заҳмати волидайн самар меораду ҷамъият пеш меравад.

**Гулсун Восиева,**
**омӯзгори МДТ “Гимназияи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”**

# ДИҚҚАТ! ОЗМУН!

# “ДОСТОНИ ТАВЛИДИ ТОҶИКИСТОН”

**Ибтидои асри XX вазнинтарин давра дар таърихи тоҷикон буд. Дар ин давра кӯшиши инкори мавҷудият ва муқимияти тоҷикон дар Осиёи Марказӣ аз ҷониби гурӯҳҳои бадхоҳи миллати тоҷик роҳандозӣ шуд. Зери таъсир ва таҳдид ҳатто як иддаи тоҷикон бо онҳо пайвастанд. Бозиҳои сиёсии бузургдавлатон заминаи миллат барпо кардани ҷумҳуриҳоро ба миён овард. Зеро он василаи хуби тафриқа андохтану ҳукумат рондан буд. Чунин ҳам шуд. Ҷойи мардуми муқимии шаҳрнишини тоҷик куҳистон - Тоҷикистони имрӯза дар ҳайати РСС Ӯзбекистон муқаррар мешавад. Ва он ҳам бар асари ҷонбозиҳо ва фидокориҳои фарзандони фарзонаи миллат.**

Ин моҳи октябри соли 1924 буд, баъдтар соли 1929 Тоҷикистон ҷумҳурии алоҳида дар ҳайати ИҶШС ва соли 1991 соҳибистиқлол шуд.

Ҳарчанд китобу мақолаҳои зиёде дар ин бора навишта шуда бошанд ҳам, саҳифаҳои торики тавлид ва такмили давлат ва далатдории тоҷикон дар ин давраи таърихӣ зиёд аст.

Ба хотири рӯшанӣ андохтан ба саҳифаҳои норӯшани таърих, ҷоннисориҳои фарзандони асил, зиндагиномаи онҳо… ҳафтаномаи “Тоҷикистон” тасмим гирифт бахшида ба 100-солагии давлати Тоҷикистон (ҳарчанд мо соли 1991 истиқлоли воқеӣ ба даст овардем) озмуни “Достони тавлиди Тоҷикистон”-ро роҳандозӣ кунад.

Дар он ҳар нафар бо навиштаҳояш (лавҳа, очерк, мақола, хотирот, мусоҳиба, таърихча ва ғайра) дар бораи лаҳзаҳо, асноди таърихӣ, сарнавишти онҳое, ки барои бунёди давлати Тоҷикистон талош ва ҷонбозӣ карданд, метавонад ширкат варзад.

**БАРОИ ҒОЛИБОН СЕ МУКОФОТ МУҚАРРАР ГАШТААСТ:**

**Ҷойи аввал 5 000 сомонӣ**
**Ҷойи дуюм 3 000 сомонӣ**
**Ҷойи сеюм 2 000 Сомонӣ**

Ҳамчунин, ғолиби ҷои аввал бо Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи “Тоҷикистон” - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳи Шерализода сарфароз мегардад.

Озмуни “Достони тавлиди Тоҷикистон” то моҳи октябр идома меёбад ва дар арафаи 100-солагии таъсиси Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад.

Маводҳои беҳтарин дар шакли китоб чоп мешаванд.

Ҳамчунин бо муаллифони маводи баргузида мусоҳибаи видеоӣ анҷом дода мешавад.

Дар маводҳои пешниҳодшуда навиштори барои “Достони тавлиди Тоҷикистон”-ро фаромӯш накунед.



Маводҳои худро ба суроғаи электронии **tojikiston@pressa.tj** фиристед.

**Телефон барои маълумот: 933507020**

# УТИЛИЗАТСИЯ

## Қариб 1 млрд сомонӣ даромади он куҷо меравад?






**Чанд рӯзи охир ронандагон дар Тоҷикистон ба ташвиш афтодаанд, зеро “андози нав” барои воситаи нақлиёт онҳоро нигарон кардааст.**

Дар Тоҷикистон соҳибони воситаҳои нақлиёт мувазаф шудаанд, ки барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаи нақлиёт аз 360 то 2880 сомонӣ андоз супоранд. Ин маблағ дар тамоми давраи фаъолияти нақлиёт як маротиба пардохт карда мешавад ва онро Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) ҷамъоварӣ мекунад.

Утилизатсияи воситаҳои нақлиёт ва маблағи хангуфти андози он чанд рӯзи охир дар мехвари бахсҳои шабакаҳои иҷтимоӣ қарор дорад. Ронанда Саидҷон Шарифов навиштааст, ки барои гузаронидани муоинаи техникӣ (техосмотр)-и мошинаш рафтааст ва аз ӯ талаб кардаанд, ки аввал маблағи утилизатсияро супорад. Ӯ бо нашри акси як ҳуҷҷат, ки “Талон оид ба супоридани маблағи пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ” ном дорад, навиштааст, ки онро барояш додаанд.

Умарҷони Зариф, ронандаи дигар менависад, ки “БДА мошинамро ҳуҷҷатгузорӣ накард, мегӯянд аввал пули утилизатсияро супор”.

Як ронандаи дигар, ки Шодрӯз ном дорад, мегӯяд, ки “Талон оид ба супоридани маблағи пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ”-ро бар ивази 70 сомонӣ бароиш додаанд. “Ҳам барои талон пул месупорем, ҳам барои нобудсозӣ. Ин беинсофӣ аст”,- навиштааст ӯ.

Аз БДА мегӯянд, ки пардохти ҳатмӣ барои нобудсозии воситаи нақлиёт дар асоси қарори Ҳукумат аз 30-юми декабри соли 2023 ҷорӣ шудааст.

**Тибқи қарори ҳукумат:**

*- барои соиллоҳибони мотсиклҳо пардохти ҳатмӣ барои нобудсозӣ 360 сомонӣ ё 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*- барои мошинҳои сабукрав ва нақлиёте, ки аз 10 одам бештар мекашонанд, 1584 сомонӣ ё 22 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*- барои камаз, кранҳо ё воситаҳои нақлиёти гаронвазн 2880 сомонӣ ё 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шудааст.*

Масъалаи супоридани маблағ барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ 26-уми декабри соли 2023 дар асоси тағйиру иловаҳо ба Қонун «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет” ҳатмӣ шуд.

Он вақт Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон зимни муаррифии он дар назди вакилони парлумон гуфт, ки он “бо мақсади таъмини бехатарии экологӣ, ҳифзи саломатии шаҳрвандон ва муҳити зист аз таъсири зарари партовҳо, инчунин дарёфти сарчашмаҳои иловагӣ ба қисми даромади буҷети давлатӣ тахия гардидааст”.

Ба гуфти вазир, ин таҷриба дар Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Белорус ва Русия низ будааст.

“Пардохти мазкур аз ҳар як воситаи нақлиёти автомобилӣ як маротиба ситонида шуда, аз натиҷаи он ба соҳиби воситаи нақлиёт ҳуҷҷати тасдиккунанда дода мешавад, ки он то давраи нобудсозии воситаи нақлиёти автомобилӣ эътибор дорад. Иқдоми мазкур барои ворид гардидани маблағҳои иловагӣ ба буҷети давлатӣ замина гузошта, барои татбиқи ҷорабиниҳои дахлдор бобати таъмини вазъи мусоиди экологӣ дар кишвар мусоидат менамояд”,- зикр кард вазири молияи кишвар.

**Д. ҚОДИРПУР**




# РӮЗИ САНИТАРӢ ДАР «КОРВОН» ТАҒЙИР ЁФТ




**РӮЗИ САНИТАРӢ ДАР БОЗОРИ «КОРВОН» АЗ ҶУМЪА БА ДУШАНБЕ ГУЗАРОНИДА ШУД.**

Акнун ҳар ҳафта - рӯзи душанбе бозори “Корвон” фаъолият намекунад ва дар он корҳои тозакунӣ ва безарааргардонӣ (дезинфексия) сурат мегирад. Дар ин бора аз маъмурияти бозори “Корвон” ба Pressa.tj иттилоъ доданд.

Ҳоло бозори «Корвон» калонтарин маркази тиҷорат дар пойтахт аст, ки дар он беш аз 10 000 нафар соҳибкорону кормандон фаъолият доранд. Чанд соли охир бо бунёди биноҳои мухташам, шароити беҳтари тиҷорат бозор симоашро комилан дигар кардааст.

Таваккуфгоҳе, ки дар “Корвон сити” бунёд шудааст, мувофиқ ба талаботи муосири шаҳрсозӣ мебошад. Таваккуфгоҳ дар масоҳати бештар аз 14 ҳазор метри мураббаъ сохта шудааст. Дар як вақт беш аз 500 адад воситаи нақлиёт имкон доранд, ки дар он барои таваккуф қарор гиранд. Таваккуфгоҳ аз 6 ошёна ва таххона иборат аст.

Дар ошёнаи болоии биноӣ таваккуфгоҳ маркази назорати мушоҳидавӣ ҷойгир аст. Дар ин марказ бо истифода аз 12 монитор ва 171 камераи мушоҳидавӣ масъулин тартиботи бозорро назорат менамоянд.

Тамоми таҷҳизоти техникии насбгардида насли нави ширкати маъруфи Хиквижн (Hikvision) аст. Атрофи бозор дар масоҳати бештар аз 2 ҳазор метри мураббаъ назорат мешавад.

Ҳамчунин, дар ин марказ системаи огоҳкунандаи зидди сӯхтор насб карда шуда, дар ҳолати бонги хатар аз ин ҷо муайян карда мешавад, ки ҳодиса дар кадом даромадгоҳ ва ё кадом қатори бозор рух додааст.

Умуман, Маркази савдои «Корвон сити» дар масоҳати бештар аз 107 ҳазор метри мураббаъ таъмиру навсозӣ гардидааст. Ҳадаф фароҳам овардани шароит барои соҳибкорон мебошад.

Ҳоло “Корвон” на танҳо макони тиҷорати бузурги молу коло дар шаҳри Душанбест, балки ба сайёҳатгоҳи меҳмонони дохиливу хориҷӣ низ табдил ёфтааст. Яъне, “Корвон” имрӯз яке аз муаррифгарони симои Душанбе мебошад.

**P.S** *Тавре ки Pressa.tj хабар ёфт, тамоми бозорҳои Тоҷикистон рӯзи санитариро аз ҷумъа ба рӯзи душанбе гузаронидаанд.*



# НИКОЛАЙ ПРОХОРОВ

## - ҳаммуаллифи Бобоҷон Ғафуров кист?



**Николай Прохоров дар солҳои 40-ум бо Бобоҷон Ғафуров чанд асари ҳаммуаллифӣ таълиф кардааст. Ӯ кист? Ва чаро дар бораи ӯ маълумоте дар даст нест?**




### Суоли бепосух

Соли 2012 нашриёти “Адиб” китоби Бобоҷон Ғафуров ва Николай Прохоров “Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан”-ро бо забони тоҷикӣ дар тарҷумаи Зиё Абдулло ва Истад Қосимзода аз чоп баровард. Ҳамон сол ё як сол баъд, вақте ин китобро харидам, як нукта диққатамро ҷалб кард. Асар ду муаллиф дошта бошад ҳам, дар пушти китоб зиндагиномаи фақат як муаллиф - Бобоҷон Ғафуров дарҷ шуда буду халос. “Дар бораи муаллифи дуюми китоб (Н. Прохоров) маълумоте пайдо нашуд”,- навиштаанд масъулони нашр.

Бароям ҷолиб шуд, ки Прохоров кист ва чаро дар бораи ҳаммуаллифи Бобоҷон Ғафуров дар нахустин китоби таърихи халқи тоҷик дар замони шӯравӣ маълумот набудааст?

Он замон аз чанд нафар муаллимони таърихам дар донишгоҳ суол кардам. Афсӯс, ки касе маълумот надошт. Танҳо зиндаёд, профессор Саттор Мухторов гуфтанд, ки “Прохоров журналист буд”. Ба Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ муроҷиат кардам. Он замон З. Акрамӣ директор буданд. Эшон гуфтанд, ки дертар муроҷиат кунам, то ба нафаре супориш бидиҳанд, маълумот дарёфт кунад, вале чизе ба даст оварда натавонистам.

Худам дар Китобхонаи миллӣ ва Китобхонаи илмии Академияи илмҳо ҷустуҷӯ кардам, донишномаҳоро варақ задам, вале афсӯс, ки чизе пайдо карда натавонистам. Фақат маълумам шуд, ки ӯ дар ҳаммуаллифӣ бо Бобоҷон Ғафуров солҳои 40-ум чанд асар таълиф кардааст. Аз ҷумла: “Суқути Аморати Бухоро. Бахшида ба 20-солагии Инқилоби Бухоро (1920-1940)” (Сталинобад, 1940), «Муборизаи халқи тоҷик ба муқобили истилогарон ва асоратгарони аҷнабӣ» (1942), «Анъанаҳои қаҳрамонони халқи тоҷик» (1943), “Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан” (1944) ва ғ. Ҳамчунин, Б. Ғафуров бо Н. Прохоров маҷмӯаи “Маводҳо оид ба таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон”-ро соли 1945 омода (145 саҳифа) ва нашр кардаанд.

### Асаре, ки бо душворӣ навишта шуд

Асари “Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан”-ро ҳайати таҳририяи китоб, ки редаксияи таърихи тоҷикон ва Тоҷикистони Бахши Тоҷикистонии Институти таърих, забон ва адабиёти Академияи улуми ИҶШС будаанд, мухтасар ба қалам овардани “марҳилаҳои асосии таърихи гузаштаи халқи тоҷик”, махсусан, “равшансозии муборизаи ӯ бахри озодӣ ва истиқлолияти Ватани худ бар зидди истилогарони бегона” арзёбӣ кардаанд. Муаллифон дар оғози китоб иқрор шудаанд, ки таълифи чунин асар “мушкилоти зиёди худро дошт”, зеро таърихи тоҷикон ба ин шева бори нахуст навишта мешуд. Он солҳо ақидае мавҷуд будааст, ки “навиштани таърихи тоҷикону Тоҷикистон, ӯзбекону Ӯзбекистон, туркманҳову Туркманистон ва ғайра зарурате надорад” ва мувофиқ ин аст, ки “барои тамоми халқҳои Осиёи Миёна як таърихи умумӣ навишта шавад”. Муаллифон хулоса мекунанд, ки “чунин ақида тамоман ғалат аст”, зеро бо вуҷуди он ки бисёр марҳилаҳои таърихи халқҳои Осиёи Миёна муштарак бошанд ҳам, “ҳар қадоми ин халқҳо таърихи гузаштаи худро доранд ва онҳоро бояд дуруст равшан сохт”. Ҳайати таҳририя ин китобро “дар омӯзиши таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон қадами аввалин” арзёбӣ кардаанд, ки дуруст аст. Зеро он нахустин асари илмист, ки таърихи халқи тоҷикро аз замонҳои қадим то оғози асри ХХ, аниқтараш то давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаро гирифтааст. Он баъдан заминаи таълифи “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” дар соли 1947 ва дертар шоҳасари “Тоҷикон” дар соли 1972 гардид.

“Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан”-ро мутарҷимонаш Хурд-“Тоҷикон” ё Занд-“Тоҷикон” гуфтаанд, ки бесабаб нест. Зеро ин рисолаи хурд, ки аз 23 фасли мухтасар иборат аст, фарогирандаи гузаштаи пурғановати халқи тоҷик, маданияти кишоварзӣ, анъанаи қаҳрамонӣ ва муборизаи тоҷикон бар муқобили ишғолгарони модию форсӣ, Искандари Мақдунӣ, лашкаркашони Чин, ҳамлагарони турк, муғул, Амир Темур, манғитиҳо ва ғайра аст. Дар бобу фаслҳои охирини асар ҳодисаву воқеаҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, корномаҳои фарзандони диловари Тоҷикистон Ҳодӣ Кенҷаев, Исмоил Ҳамзаалиев, Саидқул Турдиев, Тӯйчӣ Эрйигитов, Ҳайдар Қосимов, Муҳаммад Иброҳимов ва дигарон дар набардҳои ҶБВ арзёбӣ шудааст. Ба ин васила муаллифон миёни Коваи Оҳангар, Рустам, Куруш, Шерак, Спитамен, Восеъ ва фарзандони диловари замон пайванд эҷод карда, гуфтан мехоҳанд, ки халқи тоҷик вориси арзандаи гузаштагони қаҳрамонаш аст.

Гарчанде ин асар дар зери чатри идеологияи вақт таълиф ёфтааст, вале Бобоҷон Ғафуров бо Николай Прохоров дар зери сатрҳо таърихи миллати тоҷикро бозгӯйӣ кардаанд.

Бинобар ин, барои ман муҳим буд, ки кӣ будани Николай Прохоровро бидонам.



### Архиви Усмонҷон Ғаффоров

Зимни як сафарам ба Хуҷанд, чун анъана ба дидорбинии профессор Усмонҷон Ғаффоров рафтам. Аз рӯйи одат сухбатамон дар бораи шахсиятҳои таърихӣ, аз ҷумла Бобоҷон Ғафуров буд. Аз фурсати муносиб истифода карда, аз устод дар бораи ҳаммуаллифи Бобоҷон Ғафуров дар солҳои 40-ум Н. Прохоров пурсидам. “Аз ҳеҷ ҷой дар бораи ӯ маълумот наёфтам, ҳатто муаррихон ба ман кумак карда натавонистанд”,- гуфтам ба эшон.

Усмонҷон Ғаффоров ҳамон замон ба ҳамсарашон муроҷиат карданд:

- Тӯхфанисо, ҳамон папкаи маълумоти ӯзбекӣ дар бораи Бобоҷон Ғафуровро биёр!

Ҳамсари устод, ки дастёру мададгори ҳамешагиашон буданд, зуд папкаро оварданд. Усмонҷон Ғаффоров аз байни варақҳо як порча аз саҳифаи газетаеро гирифта наздам гузошта, гуфтанд: “Ана он чизе, ки шумо меҷӯед...”. Ин як колонкаи рӯзномаи «Қизил Тожикистон» -и аз 5-уми майи соли 1949 (№86 (4884)) буд, ки дар он некрологи фавти Николай Николаевич Прохоров аз номи “Як гурӯҳ дӯстон” нашр шуда буд. Бо иҷозат он пораи газетаро акс гирифтам.

Бо гузашти чанд сол, фурсат даст надод, ки дар бораи Прохоров мақола нависам. Инак, дар рӯзи зодрӯзашон (30.01) Усмонҷон Ғаффоровро ба ёд овардаму он аксро аз архивам пайдо кардам.

### Прохоров кист?

Инак, ба саволи “Николай Николаевич Прохоров кист?” посух пайдо шуд.

Аз ин навишта бармеояд, ки Николай Николаевич Прохоров 30-юми апрели соли 1949, баъд аз бемории тӯлонӣ дар синни 57-солагӣ фавтидааст. Маълум мешавад, ки соли таваллудаш 1892 будааст. Макони таваллудаш номаълум аст, вале дар шаҳри Костромаи соҳили Волга ба воя расидааст. Замони таҳсилаш дар гимназияи шаҳр ба маҳфили сотсиал-демократҳо аъзо шуда, аз соли 1908 расман узви ҳизб шуда буд. Ӯ бо роҳҳои пинҳонӣ байни хонандагон тарғибот мебурд, рӯзномаву маҷалла пахн мекард. Баъди ба воя расидан, дар ҳаракатҳои инқилобӣ дар Кострома иштироки фаъол дошт. Борҳо аз ҷониби ҳукумат мавриди таъқиб қарор гирифт.


Қизил Тожикистон
1949 йил, 5 май, № 86 (4884).
Николай Николаевич Прохоровнинг хотираси

Ӯ дар инқилоби соли 1917-и Русия, ки заминаи ба вуҷуд омадани Иттиҳоди Шӯравиро ба вуҷуд овард, иштироки фаъол дошт. Баъди инқилоби февралӣ, ӯ ба рӯйхати интихоботии болшевикҳо шомил шуда, вакили Думаи Кострома интихоб шуд. Баъди инқилоби октябр ӯ ҳамчун узви Президиуми Шӯрои депутатҳои коргар, сарбоз ва деҳқонони Кострома фаъолият намуд.

Николай Прохоров аз ибтидо бо матбуоти ҳизбӣ алоқаи зич дошт. Ҳамин аст, ки аз соли 1918 ба кори газета фиристода шуд ва солҳои зиёди умри хешро ба ин кор сарф кард.

Соли 1929 Комитети Марказии ҲК (б) Николай Прохоровро ба Осиёи Марказӣ мефиристад. Ӯ дар ин ҷо дар кори роҳбарии органи матбуоти болшевикҳо фаъолиятшаро идома медиҳад.

Дар баробари корҳои ҳизбӣ Н. Н. Прохоров ба омӯзиши таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон машғул шуда, дар якҷоягӣ бо Бобоҷон Ғафуров чанд мақолаву рисола таълиф мекунад.

Ӯ аз соли 1943 дар дастгоҳи Комитети Марказии ҲК (б) Тоҷикистон, баъдан ҳамчун ёвари Котиби Комитети Марказӣ фаъолият намуд.

“Фаъолияти сермаҳсули Н. Н. Прохоров чандин бор аз тарафи ҳукумат қадрдонӣ шудааст. Н. Н. Прохоров ба кори ҳизбии Ленин ва Сталин бо садоқат хизмат намуда, дар байни дӯстону наздикон худро ҳамчун шахси одӣ, хоксор ва хушёр вонамуд карда, ба ҳурмати онҳо сазовор гашта буд”,- омадааст дар некролог.

### Хулоса

Пас маълум мешавад, ки Бобоҷон Ғафуров дар шахсияти ин инқилобчии ботаҷриба такягоҳ пайдо карда буд. Маълум аст, ки Прохоров дар ҳукумати вақт обрӯву нуфуз дошт, Ғафуров низ шахси ваздор буд. Ӯ зарфияти хешро бо тавоноии Прохоров якҷоя карда, барои эҳёи таърихи халқаш камар баста буд. Табиист, ки он замон як муҳаққиқ ё муаррихи одӣ наметавонист муқобили маҷро биравад. Ин ҳақиқатро Б. Ғафуров дарк карда буд. Бинобар ин, ӯ зарур шуморид, ки мансаби ҳизбиашро барои татбиқи корҳои илмиаш равона кунад ва дар ин кор болшевики ботаҷрибаву соҳибнуфуз Н. Прохоров бо ӯ ҳамроҳ шуд.

**Одил НОЗИР**



*Ҷонибеки Асрориён, фарҳангшинос*

## "ГӮРҒУЛӢ" МОЛИ ТОҶИКОН НЕСТ?

**Дар маҳфиле ба Академик натавонистам, бо чанд далел, моҳияти эпоси мардумиро бифаҳмонам. Ҳар чӣ меовардам, тӯтивор мегуфт: Достони турку муғулист!**

**Он далелҳо мухтасар:**

**1.** Дар устураи турку муғул "гӯр" аҳамият надорад, ки мудом дар гаштанд.

2. Эпос дар замони Ашкониён бо номи "Пури гӯр ё гӯрзод" шуҳрат дошт, ки ба василаи адабиёти гуфторӣ то замони мо расид.

**3.** Эпос на аз асри XVII, чуноне, ки пажӯҳишгарони русу тоҷик талқин мекунанд, балки чуноне ишора шуд, то милод вуҷуд дошта.

**4.** Қаҳрамонҳояш номҳои тоҷикӣ доранд. Номҳои туркиш аз омилу асароти ҳамсоядорист.

**5.** Аваз вожаи тағйирхӯрдаи аҳвас аст, ба маънои чобуку чақон (оҳу).

**6.** Сужаи хеле куҳан дорад. Анъанаи достонсароӣ риоя шуда: Гӯрғулӣ ба сони Ковусу Аҳваз ба ранги Рустам.

**7.** Бертелс Э. Гулширмоҳро аз рӯйи тасвири достон ва фаросат бо илоҳаи Ноҳид ҳамсон мешуморад.

**8.** Дар "Туркистанские Ведомости" маводе дарҷ шуд, ки дар сангнабиштаи мутааллиқ ба соли 1716, номи Гул Муҳаммад ҳаккокӣ шуда, лақаби Гӯрғулӣ дошта. Ӯ ин сифатро дар набард бо паланг соҳиб шуда.

**9.** Решаи таърихии Ғул ба даврони пешдодиён мерасад, ки наҷотгар аст. Дар асотири шумарӣ ва аккадӣ модар ва илоҳаи шифокор будааст.

**10.** Аввалин касе, ки ба омӯзиши достон майл кард, И. И. Шопин буд, ки навиштааш соли 1840 нашр шуд. Дар пайравии ӯ олим, адиб, дипломати рус А. Ходзко-Борейко натиҷаи пажӯҳиши худро бо номи "Намунаҳо аз назми порсӣ", соли 1842 ба забони англисӣ нашр кард.

**11.** Идеяи туркӣ будани достонро туркпарасти мумтоз Волиди Тугон тақвият дод. Ҳарчанд пайдоиши достонро ба замони Сосониён марбут медонад. Яъне решаи туркони оғузро ба асрҳои 2-3 мекашад.

**12.** Дар маҳфили илмӣ, ки чанд сол қабл баргузор шуд, туркмоне даъво мекард, ки достон аз мост ва туркист. Пурсидам, ки дар адабиёти асри миёна қавми шумо бо кадом ном шинохта мешуд? Гуфт: оғуз ё туркман.

Ислоҳ кардам, ки туркмон, яъне шабеҳ ба турк, вале на турк. Ва боз суол кардам, аз номи қаҳрамони достон. Гуфт: Гёроглӣ.

Пурсидам: Это имя или псевдоним?

Гуфт: Псевдоним!

Пурсидам: Как звали героя?

Гуфт: Равшан!

Сипосаш гуфтам. Дар достони туркмонӣ номи қаҳрамон Равшан аст, ки ишора ба интиқоли достон аст.

Боз чӣ бинависам муддаиёнро!?

**БА ТАВВАҶҶУҲИ ВАЗИРИ ФАРҲАНГИ ҶТ МАТЛУБАХОН САТТОРИЁН**

# ГӮРҒУЛӢ

## ҳунаре, ки аз байн меравад



*Гурғулисаро Ҳикмат Ризо*

**Эпоси «Гӯрғулӣ» аз қадимтарин намунаҳои ганҷинаи фолклори тоҷик аст. Мутаассифона, имрӯз ин ганҷинаи нодирро мо аз даст дода истодаем.**

Тибқи гуфтаи муҳаққиқон, достонҳои ин эпоси халқӣ ба 124 расида, қариб 400 ҳазор мисраъ, яъне 200 ҳазор байтро дар бар мегирад. Дар ривоятҳои халқӣ Бибӣ Ҳилол ном духтар зиндагӣ мекардааст. Бародараш Аҳмадхон ӯро ба Райҳонараб ном ҳокими замон ба занӣ додан мехоҳад. Духтар гурехта ба дашту ҳомун, кӯҳу камар рӯ меоварад. Дар хорию зориҳо ҷон медиҳад. Дар гӯр аз ӯ писарчае ба дунё омада, дар васояти тағояш калон мешавад. Бисёр таҳамтан, зӯровар ва далер будааст. Аз ин рӯ, ба ӯ номи Гӯрғулӣ мемонанд. Яъне дар гӯр таваллудшуда ва ғул. Аз ҳамин қиссаҳо ин эпос оғоз ёфта, то ба далерию қаҳрамониҳои Аваз, Нуралӣ ва Шералӣ рафта мерасад. Аз рӯи гуфти муҳаққиқон, эпос шакли насрӣ ҳам дошта, он аз 8 достон иборат аст.

Бояд гуфт, ки эпоси «Гӯрғулӣ» ба эҷодиёти даҳонакии халқҳои турк, озар, туркман ва ӯзбек низ таъсири калон гузоштааст. Имрӯз турку озарҳо достонҳои бо номи Кёроғлӣ, туркманҳо Гороғлӣ, ӯзбекҳо Гӯрғулӣ доранд.

Дар минтақаи Кӯлоб аз солҳои 30-юм ин тараф аз ноҳияи Ховалинг Холназар Сафаров, Азим Ҳафизов, Қаландари Шоғариб, Раҳими Ҷалол, Шарофиддини Карим, Ҳаким, Нуралӣ, Саиди Абдул, Партов Латифзода, Назар, Мурод, Қаландари Тоз, Қурбоналӣ Раҷаб, аз Балҷувон Бобоюнус Худойдодзода, аз Муъминобод Авранг Нусратов, Санг Нозим, Мирзошариф Латифов, Нуралии даҳмарда, Сафаралӣ, аз Ш. Шоҳин Латиф, Суфӣ, Нури Бунафш, бобои Ҳошим, аз шаҳри Кӯлоб бобои Зайдулло, Султон Маҳмуд, Қурбони чорсара, Холназари Пирназар ва даҳҳо дигарон дар байни халқ чун гӯрғулисароёни асил шинохта мешуданд. Онҳо дар чорабиниҳои гуногуни давлатӣ ва мардумӣ аз достонҳои ин шоҳасар порчаҳо месуруданд. Солҳои 70-90-уми асри XX дар радиои тоҷик соатҳо бо садои Ҳикмат Ризо, Ҳақназар Кабуд қисм - қисм достонҳои далерию ватандӯстии Аваз, Нуралӣ, Шералӣ, Ҳасан ва амсоли онҳо хонда мешуданд. Умуман, саҳми радиои Тоҷикистон дар тарғибу ташвиқи «Гӯрғулӣ» хеле назаррасу арзанда буд. Рафта-рафта чеҳраи мондагори ин эпос аз ёдҳо зудуда шуд. Ҳоло дар кишвар ягон нафар гӯрғулисаро мондааст ё не, маълум нест.

Аз байн рафтани эпоси “Гӯрғулӣ” боиси изтироб аст. Бояд Вазорати фарҳанги мамлакат, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишкадаи фарҳанг ва санъати ба номи М. Турсунзода, Консерваторияи миллӣ дар якҷоягӣ барои эҳёи ин эпоси таърихӣ чораҳои мушаххас андешанд. Аз миёни ҷавонон гӯрғулисаро тарбия карда, дар кишвар озмунҳои гӯрғулихонӣ ба роҳ монанд. Зеро эпоси мазкур на танҳо ҳамосаи тасвиру талқини ватандӯстию ватанхоҳӣ, далерию ҷасурӣ, балки замзамаи ишқу вафодорӣ ва ҷавонмардӣ мебошад. Ҳаҷв, аскиягӯӣ, истеҳзо барин жанрҳо дар ин достонҳо фаровон аст. Аз ҳама муҳимаш, достонҳои «Гӯрғулӣ» хазинаи бойи калимаҳои халқӣ - гуфтугӯӣ, фолклори ниёгон ба шумор меравад. Варзиши паҳлавонӣ, майдондорӣ, гуйпартоӣ (чавгонбозӣ), тирандозӣ, вазнбардорӣ ҳам хеле бисёр ва зебо тасвир ёфтаанд. Муҳаққиқон метавонанд аз рӯи достонҳои эпоси мазкур мақолаю рисолаҳои илмӣ нависанд.



**Нурулло ҲАСАНОВ,**
**рӯзноманигор**

# ҶАМБУЛИ МАСТОН КУҶО ШУД?

**Афсӯсу дареғ, ки масъулони фарҳанги миллӣ барои зинда мондану рушди эпоси халқии "Гӯрғулӣ" ҳич коре накарданду мо зиёиён дар аз байн рафтани он, метавон гуфт, бо сукутамон мусоидат кардем.**



То инқилоби октябр ва баъди он ҳам ин эпос чунон миёни мардум маҳбуб буд, ки ягон ҷашни миллӣ, хусусан Наврӯзро бе гӯрғулисаро тасаввур кардан имконнопазир буд. Дар гӯшаҳои диёр соатҳо зери сояи чинор ё зимистон дар хонаҳо атрофи шамъ ба ҳам омадаву зери мазмунҳои 33 достон аз қаҳрамониҳои Аваз ифтихор мекарданду аз васфи зебоиҳои духтарон ба ваҷд меомаданду аз марги Нуралию Шералӣ мотамзада буданду ба душманони Ҷамбули Мастон дар симои Турки Бағлонҳо бо нафрат лаънат мефиристоданд. Кӯҳистониён чорво куштаву дар тӯю маъракаҳо ва ё ҳамчун мухлис ин сарояндаҳои достонҳои қаҳрамониро рӯзҳо меҳмондорӣ мекарданд.

Сад соли охир дар кишварамон ҳудуди 300 нафар гӯрғулисароён - пайравони ин эпоси қаҳрамонию мардумӣ сабти ном шуда буданду фолклоршиносон каму беш 1 миллион мисраъ аз гунаҳои гуногуни Гӯрғулиро бо садои устодону шогирдони ин мактаб шуруъ аз Ҳикмат Ризо сабти овоз намудаву рӯйи авроқ оварда буданд.

Пажӯҳишгарон садҳо рисолаҳо таҳия карда ва ҳатто номзадию докторӣ гирифтанд. Чанд сол пеш туркманҳо ҳамчун мероси ғайримоддӣ дар ЮНЕСКО даъво пеш оварда, ҳаммосаро моли худашон карданду аммо мо хомӯшӣ ихтиёр кардем. Ҳол он ки, имкон дошт ин эпос бо номи ду халқ сабти ном шавад. Виҷдонам аз он дар азоб нест, ки камина бо равоншод Азизбек Зиёев (аз пайвандон ва шогирдони Ҳикмат Ризо) тамоми эпоси Гӯрғулиро дар Телевизиони Тоҷикистон ва устод Ҷонибек Асрориён дар Радиои Тоҷикистон ба фонди тиллоӣ ворид кардем. Асрориён рисолаи пажӯҳишие таҳти унвони "Гӯрғулӣ" (гузориш ва нигориш) таҳия намуданд.

Шояд ҳоло ҳам дер нашудааст?



**Абдукодир ТАЛБАКОВ (Ориёмеҳр ЗАРДУШТ)**

ФУТБОЛ

# «ТОҶИКИСТОН, БА ПЕШ!»

## шиоре, ки таърих сохт






### Бозиҳои гурӯҳии Ҷоми Осиё ва зинаи якум

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон зери роҳбарии Петар Шегрт, мутахассиси хорватӣ, дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2023 дар гурӯҳи "F" бо 7 имтиёз зинаи аввалро соҳиб шуд ва бори аввал дар таърихи худ ба даври финалии ин мусобиқа роҳ ёфт. Шогирдони Петар Шегрт дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2023, ки дар Бишкеки Қирғизистон баргузор шуд, дар ду бозӣ пирӯзӣ ба даст оварданд ва як бозиро мусовӣ анҷом доданд. Дар бозии аввал бо дастаи мунтахаби Мянмар футболбозони Тоҷикистон 4 голи беҷавоб заданд. Дар бозии дуюм Сингапурро шикаст доданд. Бозии байни дастаҳои Тоҷикистону Қирғизистон пуршиддат ҷараён гирифт ва бе задани гол анҷом ёфту Тоҷикистон бо 7 имтиёз аз ҷойи аввал ба қисмати финалии мусобиқа роҳ ёфт.

### Чин даст кашид, Қатар соҳиб шуд

Қисмати ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 аз 16-уми июн то 16-уми июли соли 2023 ба нақша гирифта шуда буд. Ин мусобиқа бояд дар Чин баргузор мешуд, аммо ин кишвар ба далели пандемияи коронавирус аз мизбонии он даст кашид. Ҳамин тавр, Қатар, ки соле пеш Ҷоми ҷаҳонии футболро дар майдонҳои худ қабул карда буд, мизбони ин мусобиқа баргузида шуд. Дар тобистон ҳаво дар Қатар барои бозии футбол мусоид нест, аз ин рӯ, қарор шуд, ки даври финалии Ҷоми Осиё-2023 аз 12-уми январ то 10-уми феврали соли 2024 баргузор карда шавад. Ба ғайр аз Тоҷикистон дастаҳои Ҷопон, Сурия, Қатар, Куриёи Ҷанубӣ, Австралия, Эрон, Арабистони Саудӣ, Имороти Араб, Чин, Ироқ, Уммон, Вйетнам, Лубнон, Урдун, Фаластин, Ӯзбекистон, Тайланд, Ҳиндустон, Ҳонконг, Баҳрайн, Малайзия, Қирғизистон ва Индонезия соҳиби роҳхат шуданд.

### Тоҷикистон муқобили Қатар, Лубнон ва Чин

11-уми майи соли 2023 дар Давҳаи Қатар маросими қуръакашии қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 баргузор шуд. Аз рӯи натоиҷи он дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар гурӯҳи «А» қарор гирифт. Дастаи Тоҷикистон бо дастаҳои мунтахаби Қатар, Лубнон ва Чин ҳамгурӯҳ шуд. Аз рӯи натиҷаи қуръакашӣ 24 даста ба 6 гурӯҳи иборат аз 4-дастаӣ ҷудо шуданд. Аз ҳар гурӯҳ ду дастаи беҳтарин ва инчунин чор дастаи беҳтарини зинаи сеюм ба даври 1/8-ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 роҳ меёбанд.

### Чин - Тоҷикистон: 0:0

Дар ҳамон рӯзе, ки маросими бошукуҳи ифтитоҳи Ҷоми Осиё-2023 баргузор шуд, яъне 12-уми январи соли 2024, мизбони мусобиқа - Қатар бо дастаи Лубнон бозӣ кард ва бо ҳисоби 3:0 пирӯз шуд. Маълум буд, ки дастаи Қатар, чемпиони феълии Осиё, муддаии ҷойи аввал дар ин гурӯҳ аст. Аксари коршиносону мухлисон бар ин назар буданд, ки Чин яке аз дастаҳои ин гурӯҳ аст, ки аз ҷойи аввал ё дуюм ба даври ҳазфӣ роҳ меёбад. Бозии аввали Тоҷикистон ҳам маҳз бо Чин буд, ки бидуни гол анҷом ёфт ва фикру ақидаи коршиносону мухлисонро на танҳо нисбати Чин, балки дар баробари дастаи Тоҷикистон низ дигар кард.

### Тоҷикистон - Қатар: 0:1

Акнун дастаи Қатар, баъд аз бозии Тоҷикистону Чин, аз шогирдони Петар Шегрт ҳарос дошт. Ҳаросаш ҳам беҳуда набуд, зеро футболбозони тоҷик дар ин бозӣ маҳорати хуб нишон доданд, аммо бе иштибоҳ ҳам набуданд. Ба назари коршиносону мухлисон, дар ин бозӣ довари ҷопонӣ ба иштибоҳҳои дағал роҳ дод ва ин боис шуд, ки Қатар ба дарвозаи Тоҷикистон гол занад. Дар ин вохӯрӣ яке аз бозигарони калидии Тоҷикистон Ҳамадонӣ Камолов корти сурх гирифт ва акнун наметавонист дар се бозии оянда ба даста кумак кунад.

Дар бозии дигари гурӯҳ дар даври дуюм Чин ва Лубнон мусовӣ (0:0) бозӣ карданд ва Чин бо ду имтиёз ба зинаи дуюми ҷадвал баромад.

### Президент ба футболбозон ангеза дод

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22-юми январ дар доираи сафари расмӣ ба Давлати Қатар дар шаҳри Давҳа бо ҳайати дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дидор кард ва ба онҳо пирӯзӣ хост. Дар ин вохӯрӣ Президенти кишвар аз футболбозон даъват кард, ки барои парафшонии Парчами Ватан талош кунанд.

### Тоҷикистон - Лубнон: 2:1

Сарнавишти зинаи дуюм дар гурӯҳи «А» дар даври охир маълум мешуд. Тоҷикистон бояд дар бозӣ бо Лубнон пирӯз мешуд, ё ҳадди ақал ба пирӯзии дастаи Қатар бар Чин умед мебаст бо Лубнон мусовии натиҷадор мекард. Қисми якуми бозӣ бидуни гол ба анҷом расид, ҳарчанд дар охир Шервонӣ Муҳаббатшоев гол заду VAR онро аз ҳолат нобозӣ гуфт. Дар қисми дуюм лубнониҳо фаъол шуданд ва Бассел Ҷради, бозигари Лубнон, дар дақиқаи 47-ум ҳисобро кушод. Парвизҷон Умарбоев, нимҳимоятгари дастаи мунтахаби Тоҷикистон, дар дақиқаи 80-ум ҳисобро баробар кард. Голи дуюм ва ҳалкунандаи дастаи мунтахаби Тоҷикистонро Нуриддин Ҳамрокулов дар дақиқаҳои аввали иловагӣ аз дохили ҷаримагоҳ бо зарбаи сар ба самар расонд.

Дар бозии дигар Қатар бар Чин бо натиҷаи 1:0 пирӯз шуд. Ҳамин тавр, Қатар бо Тоҷикистон ба даври ҳаштякниҳоӣ расиданд ва Чину Лубнон мусобиқаро тарк карданд.

### Тоҷикистон - Имороти Араб: 1:1 (5:3)

Баъд аз анҷоми даври гурӯҳӣ маълум шуд, Тоҷикистоне, ки бори аввал дар қисмти ниҳоии Ҷоми Осиё ширкат мекунаду таърих сохта, ба даври ҳаштякниҳоӣ роҳ ёфт, бо дастаи Имороти Араб, ки дар гурӯҳи «С» дуюм шуд, бозӣ мекунад. Коршиносон шонси ҳарду дастаро 50 ба 50 медонистанд. Ҳамин тавр ҳам шуд ва бозӣ бо натиҷаи 1:1 дар вақти асосиву изофӣ ба анҷом расид. Кор ба задани пеналтӣ расид ва маҳорати футболбозону дарвозабони Тоҷикистон кор дод - 5:3. Дарвозабон Рустам Ятимов яке аз зарбаҳои футболбозони дастаи Иморотро бартараф кард. Зарбаҳои пеналтиро Аҳтам Назаров, Эҳсони Панҷшанбе, Ваҳдат Ҳанонов, Рустам Соиров ва Алишер Шукуров бе хато ба ҳадаф расониданд. Тоҷикистон ба даври чорякниҳоӣ расид ва акнун бояд рӯзи 2-юми феврал бо дастаи Урдун бозӣ кунад.

**Шӯҳрат ДАВЛАТШОЕВ**

## РЕЗААХБОР

Паҳлавонони тоҷик дар Grand Prix Portugol 2024, ки рӯзҳои 26-28-уми январ дар шаҳри Одивеласи Португалия доир гардид, ноком шуданд. Муҳаммадсолеҳ Қувватов ва Меҳрзод Сӯфиев (ҳарду дар вазни то 60 кг), Маҳмадшариф Наҷмиддинов (-73 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (-81 кг), Умедҷон Раҷабов ва Комроншоҳи Устопириён (ҳарду дар вазни то 90 кг), Абубакри Акобир ва Эмомризо Анварзода (ҳарду дар вазни то 100 кг), Аҳлия Муъминова (-52 кг) буданд, ки натавонистанд нишон ба даст оранд.

***

16-уми феврал дар Душанбе шоми бокси ҳирфаӣ аз силсилаи мусобиқаҳои "Night of IBA Champions" баргузор мешавад. Набарди асосӣ барои камарбанди IBA дар вазни то 86 кг байни Шаробутдин Атоев аз Русия ва намояндаи Озарбойҷон аз Куба Алфонсо Домингес аст. Барои унвони қаҳрамони IBF байни Шавкат Раҳимов аз Тоҷикистон ва Эдуардо Нунес аз Мексик набард мешавад. Намояндаи дигари Тоҷикистон Баҳодур Усмонов - талабгори камарбанди қаҳрамони Осиё дар намуди IBA дар вазни 63,5 кг бо муштзани Тайбейи Чин Лал Чу Йинг набард хоҳад кард.

***

Вохӯрии даври ҳаштякниҳоии Ҷоми Осиё-2023 байни дастаҳои Австралия ва Индонезия бо натиҷаи 4:0 бар нафъи аввалӣ хотима ёфт. Дар ҳамин давр Қатар бо натиҷаи 2:1 бар Фаластин ғолиб омад. Ироқ натавонист бар Урдун ғолиб ояд. Ин бозӣ бо натиҷаи 2:3 бар нафъи Урдун тамом шуд. Ӯзбекистон бар Тайланд бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд ва дар даври дигар бо Қатар бозӣ мекунад. Куриёи Ҷанубӣ бо Арабистони Саудӣ 1:1 кард ва дар пеналтӣ муваффақ (4:2) шуд.

***

Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) таҳти роҳбарии Мубин Эргашев ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2024, ки аз 15-уми апрел то 3-юми май дар Давҳа баргузор мешавад, дар Анталия ҷамъомади дуҳафтаинаи тамринӣ мегузаронад. Шогирдони Мубин Эргашев дар Туркия ду вохӯрии санҷишӣ баргузор карданд. Дастаи олимпии Тоҷикистон дар бозии аввал бар бошгоҳи «Аланяспор»-и Туркия бо ҳисоби 1:0 ғалаба кард. Голро Салам Ашӯрмамадов ба самар расонд. Дар вохӯрии дуюм ба ҳайати ҷавонони «Спартак»-и Маскав бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуданд.

# 8 ЗАХМИ КОРД БАРОИ 37 СОМОНӢ

## Мастура Бекова: Имрӯз фарзанди ман, фардо Худо медонад навбати фарзанди кӣ аст...







**Як ронандаи ширкати “Як таксӣ”-ро дар Душанбе бо 8 захми корд аз қисмати гардан ва дастҳо ба беморхона расонидаанд. Волидони ҷавони ҷабрдида Зиёвиддин Беков мегӯянд, ки ҳодиса бо фарзандашон субҳи 15-уми январи соли равон дар минтақаи Яккачинори шаҳри Душанбе рух додааст.**

Ҷавони таксиронро мизоҷаш ба чунин аҳвол расонидааст. Зиёвиддин Бекови 23-сола ба pressa.tj гуфт, ки чор моҳ инҷониб бо мошини иҷора дар ширкати “Як таксӣ” фаъолият доштааст. Падараш Мурод Беков гуфтааст, ки Зиёвиддин яккаписари хонадон аст ва ӯро тирамоҳи соли гузашта оиладор кардааст.

Падари ҷавони ҷабрдида нақл мекунад, ки писараш субҳи рӯзи 15-уми январ аз маҳаллаи “Ҳаёти Нав”, аз наздикии тарабхонаи “Бохтариён” як касро гирифта, аввал то қарибиҳои “Ромсар” ва боз аз он ҷо ба маҳаллаи “Яккачинор” мебарад ва ба як кӯчаи нишондодаи мизоҷ даромада меистад.

“Роҳкирои мизоҷ 37 сомонӣ шудааст. Пас аз он ки писарам маблағи роҳкироро мегӯяд, он одам, ки дар нишастгоҳи қафои мошин будааст, ногаҳон бо корд ҳамла карда, ба қисмати рости гардан 5 зарба ва ба харду дастонаш яккордӣ мезанад”,- нақл мекунад падари ронанда.

Ба гуфтаи ӯ, Зиёвиддин дар ҳамон ҳол низ муқобилият нишон дода, аз мошин фаромада мегурезад. Баъдан роҳгузарон Зиёвиддинро ба бемористони “Беморихои пӯст” бурдаанд. Вале дар онҷо табибон ӯро қабул накардаанд. Баъдан онҳо мошини “Ёрии таъҷилӣ”-ро даъват карда, ҷабрдидаро ба Беморхонаи “Қарияи Боло” расонидаанд.

Бино ба нақли ӯ, писараш баъди ҷарроҳӣ ду рӯз дар бахши эхё буда, 8 рӯзи дигар дар утоқи умумӣ табобат гирифтааст. Ҳоло бошад, Зиёвиддинро дар хона нигоҳбин мекунад.

- Имрӯз духтур ба хонаам омада, гуфт, ки хуҷҷатҳои Зиёвиддинро омода карда, ба шуъбаи ҳифзи иҷтимоии ноҳия бурда супор барои нафақа. Ман дилам реш мешавад, вақте ягона писарамро дар чунин ҳол мебинам,- мегӯяд ӯ.

Мастура Бекова - модари ҷабрдида меҳоҳад ҳарчи зудтар гумонбар дастгир карда шавад: “Бовар кунед, дигар ин хона даромада наметавонам. 15 рӯз шуд, ки оби чашмонам хушк нашудааст. Осон нест, вақте фарзандатро дар бистари марг бубинӣ. Зиёвиддин писаре буд, ки ҳатто ба мӯрча озораш намерасид. Вақте ҳодисаро мефаҳманд, тамоми аҳли маҳалла ба бемористон рафтаанд. Ман аз мақомот меҳоҳам ҳамлагарро пайдо карда, ба сазояш расонанд. Вай агар дар озодӣ бошад, шояд нисбати каси дигар низ чунин рафтор намояд. Имрӯз фарзанди ман, фардо Худо медонад навбати фарзанди кӣ аст”.

Мастура Бекова мегӯяд, ки писараш чизе хӯрда наметавонад. Танҳо бо зарби дору ӯ зинда мондааст.

Ин оила, ки худ ба сахтӣ рӯз мегузаронидаанд, фалокати ба сарашон омадаро пазируфта наметавонанд. Онҳо мегӯянд, ки аз сад ҳазор сомонӣ зиёд қарз доранд. Ҳоло бошад, барои табобати фарзандашон боз маблағ лозим аст: “Ҳамлагар раги артерия ва дигар рагҳои асабу хунгардро аз тарафи рост буридааст. Барои ҳамин чашму дасти рости Зиёвиддин аз ҳаракат бозмондаанд. Барои табобату ба по хезонидани писарамон пул лозим аст. Мо маблағи захира надорем. Маҷбурем, ки хонаамонро фурӯхта, Зиёвиддинро табобат намоем”.

Мурод Беков - падари ҷабрдида мегӯяд, ки аллакай кормандони мақомот маълум кардаанд, ки ҳамлагар кӣ аст. Ҳоло аксҳои ӯ дар тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн гардидааст ва ӯ умед дорад, ки ба наздиктарин фурсат гумонбарро дастгир мекунанд.

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**

# ТОҶИК ГУМОНБАРИ ТИРБОРОНИ КАЛИСОИ МАСЕҲӢ

**Рӯзи якшанбе, 28-уми январ, тақрибан соати 11:40 ба вақти маҳаллӣ, ҳангоми намози пешин ду нафари ниқобпӯш вориди калисои итолиёвии католикии Марияи Муқаддас дар маҳаллаи Сариери шаҳри Истанбул шуда, болои намозгузорон тир кушоданд.**



Аз миёни ибодаткунандагони калисо, ки бештар аз 50 нафар буданд, чанд тан тир хӯрда, 1 нафар кушта шуд.

Мақомоти Туркия шаби 28-уми январ аз боздошти 47 нафар дар 30 суроғаи гуногун хабар доданд. Вазири корҳои дохилии Туркия Алӣ Ерликай гуфт, ки ду гумонбаршавандаи асосиро ҳам дастгир кардаанд ва онҳо якеаш аз Тоҷикистон ва дувумӣ аз Русия будаанд. Ерликай дар ин бора тафсилоти дигар надод ва номи муттаҳамони асосиро ҳам ошкор накард.

“Ҳарду хориҷианд. Якеаш аз Тоҷикистон ва дуюмӣ аз Русия. Мо бар инем, ки онҳо аъзои ДОИШ мебошанд”,- изҳор дошт вазири корҳои дохилии Туркия. Созмони террористии “Давлати исломӣ” (ДОИШ) масъулияти ҳамла ба калисои католикӣ дар Истанбулро ба дӯш гирифт ва гуфт, ки ин ҳамларо аъзои ин гурӯҳ дар посух ба даъвати раҳбаронаш ба анҷоми ҳамалот ба зидди яҳудиёну масеҳиён анҷом додаанд.

Пас аз ин изҳорот Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон эълон кард, ки мақомоти кишвар ба таҳқиқи ин хабар шурӯъ кардааст. "Сафорати мо барои рӯшан кардани ҳама ҳолатҳо бо мақомоти Туркия робитаи зич дорад",- гуфт сухангӯйи ВКХ Шоҳин Самадӣ.

### АЗ НИШАСТИ МАТБУОТӢ



**Соли 2023 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 11 ихтисоси нав кушода шуд. Дар ин бора ректори донишгоҳ Эмомалӣ Насриддинзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**

“Ихтисосҳои нав - Бизнес маъмуриятчигӣ, Электроникаи тиббӣ, Биохимияи тиббӣ, Химия. Биология, Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, Фаъолияти судӣ-прокурорӣ-муфаттишӣ, Забони хориҷӣ ва Педиатрия буда, бо дарназардошти бозори меҳнат кушода шуданд”,- гуфт номбурда. Ҳамчунин, ректор хабар дод, ки ҳоло дар ДМТ аз 133 ихтисос мутахассисон омода карда мешаванд.

Феълан дар ДМТ 22 661 донишҷӯ таҳсил мекунанд, ки ба онҳо 1299 омӯзгор (12 нафар академики АМИТ, 16 нафар узви вобастаи АМИТ, 198 доктори илм, 632 номзади илм) дарс мегӯянд.



**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино байни донишгоҳҳои тиббии Осиёи Марказӣ, Молдова ва Беларус мақоми аввалро соҳиб шуд.**

Ба иттилои ректори донишгоҳи мазкур Маҳмадшоҳ Гулзода, рейтинги беҳтарин донишгоҳҳо соли 2023 аз ҷониби Агентии мустақили аккредатсия ва рейтинги Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор шуд. Дар натиҷа Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар номинатсияи беҳтарин донишгоҳҳои тиббии давлатҳои Осиёи Марказӣ, Молдова ва Беларус мақоми аввалро ишғол кард.

Ин ҷоиза аз ҷониби ташкилоти байналмилалии IREG оид ба рейтинги академӣ ва ташаккул тасдиқ шудааст.



**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ дар НБО "Роғун" 4 филиали кафедра боз кардааст.**

Ректори донишгоҳ Қудрат Давлатзода дар нишасти матбуотӣ гуфт, мувофиқи таҳлилҳо 95 дарсади мутахассисоне, ки дар нерӯгоҳ фаъолият мекунанд, хатмкардагони донишгоҳи номбурда ҳастанд. “Ҳамчунин, тасмим гирифтем, ки дар НБО "Роғун" чор кафедраи донишгоҳро ташкил диҳем ва ин корро анҷом додем. Хурсанд ҳастем, ки донишҷӯёни мо аз курсҳои 3-4 ба таҷрибаомӯзии истеҳсолии пешаздипломӣ дар НБО "Роғун" сафарбар мешаванд ва бевосита дар истеҳсолот фаъолият карда, кори дипломии худро ба итмом мерасонанд”,- иброз дошт Қ. Давлатзода.

# ХАТАР АЗ ЛИБОС



## Аз уфунати пӯст то бемории ҷигар

**Ҳамарӯза мо либосу пойафзол пӯшида, ҳеҷ гоҳ ба худ суол намедиҳем, ки оё либосу кафш ҳам метавонад ба мо зарар бирасонад? Доктор Малика Юсупова мегӯяд, ки гоҳо либос метавонад одамро ба бемориҳои мухталиф гирифтор кунад. Чӣ тавр? Андешаи табиброяқҷо мехонем.**

### Зарари либоси танг

Либоси танг ба андом фишор оварда, боиси вайроншавии гардиши хун дар рагҳои сатҳии пӯст мегардад. Масалан шалвори танг ба рагҳои хунгард ва торҳои асаб таъсири манфӣ мерасонад. Либоси часпида ба андом пӯстро озурда месозад ва пӯсти бадан сурх гашта, имкони вуруди уфунат ба он пайдо мешавад. Ҳамчунин либоси танг расидани ҳаво ба пӯстро маҳдуд мекунад. Дар ҳоли нарасидани ҳаво бадан араки зиёд карда, ба рушди уфунат дар сатҳи пӯст мусоидат мекунад.

Сахт бастани камарбанд ғайр аз фишор ба пӯсту рагҳои хунгард ва торҳои асаб, инчунин кори меъдаро халалдор карда, ба зардачӯш оварда метавонад.

Аз ҳамин сабаб, тавсия мешавад, ки ҳаддалимкон аз либосҳои танге, ки ба андом мечаспанд, парҳез карда шавад.

### Синтетика ҷигарро бемор мекунад

Навъи дигари зарароварлибосҳои аз порчаҳои синтетик дӯхташуда мебошанд. Матоъҳои сунъӣ, аз қабили полиэстер, нейлон, акрил дар таркибашон моддаҳои кимиёвии зараровар доранд, ки дар пӯсти одам ҳассосият эҷод мекунанд ва дар сурати истифодаи тӯлонӣ метавонанд ҳатто ба норасогии кори ҷигар ва гурда оваранд.

Қобили қайд аст, ки бахусус либосҳои ҷилодоре, ки ба завқи баъзе занон хуб менамоянд, аксаран аз ҳамин матоъҳои сунъӣ сохта мешаванд. Пӯшидани дарозмуддати чунин либос ба саломатии ҷинси латиф зиёни ҷубронноподазир ба бор меоварад.

### Таваҷҷуҳ ба кӯдакон

Навъи матоъи либоси кӯдакон хеле муҳим аст. Пӯсти кӯдак хеле нозук буда, агар расидани ҳаво ва қадри кофӣ таъмин нашавад, сӯрохҳои пӯст бо сабаби араққунии зиёд баста шуда, захмӣ мегардад ва сурхча мебарорад. Барои ҳамин либоси кӯдак бояд аз порчаи табиӣ ва роҳат бошад.

### Зарари кафш

1. Кафши танг ба рагҳои хунгарди пой фишор оварда, хунрасонии пойро халалдор мекунад.



Дар натиҷаи фишор овардан ба рагҳо гардиши хун дар пойҳо суст гашта, рагҳои хунгард варам мекунанд ва имкони пайдошавии лахт дар хун ва илтиҳоб дар пой пеш меояд. Ғайр аз ин, дар рагҳои хунрасони соқи пой ва ронҳо васеъшавии варикозии рагҳо иттифоқ меафтад, ки ҳам аз лиҳози зебоишиносӣ ва ҳам аз ҷиҳати саломатӣ падидаи матлубе нест.

Дар бемороне, ки ба касалии диабети қанд гирифторанд ва гардиши хун дар пойҳояшон бе ин ҳам халал ёфтааст, оризаҳои сахттаре аз қабили паст шудани ҳисси пой ва бозмондани хун аз гардиш пеш омада, метавонад ба ҳарҷи зудтар ташаккулёбии попанчаи диабетӣ мусоидат кунад.

2. Кафши танг бо фишор ба пой, сохти анатомии онро вайрон мекунад.

Кафши танг ба устухонҳои пой, ки зариф ҳастанд, фишор оварда, онҳоро каҷ мекунад ва дар натиҷа шахс ба пойпаҳнӣ (плоскостопие), вайроншавии сабки роҳгардӣ ва ҳатто тағйир ёфтани комат (осанка) дучор мешавад. Инчунин вайроншавии шакли табиии пой ба пайдоиши хорустухон меоварад. Ҳамчунин вайроншавии шакли нохунҳо ва ба гӯшт воридшавии нохун пеш омада метавонад.

3. Кафши танг дар натиҷаи соиш обила, захм ва пина ба бор меорад.

Аз сабаби тангии кафш, дар натиҷаи соиш обилаву захм ва пинаҳо пайдо мешаванд, ки ба шахс дарду нороҳатӣ эҷод мекунанд. Ба вуҷуд омадани захм дар пой барои бемороне, ки мубталои диабети қанд мебошанд, падидаи хеле хавфнок аст. Бояд ба назар гирем, ки дар натиҷаи пӯшидани кафши танг гардиши хун дар пой халал меёбад. Дар шахсони гирифтори диабети қанд, ки бе ин ҳам гардиши хун дар рагҳояшон халалдор аст, сустшавии иловагии гардиши хун ба шифо наёфтани захмҳо ва ҳатто бадтар шудани онҳо мусоидат мекунад. Аз ёдамон наравад: кафши танг расидани ҳаво ба пӯсти пойро низ маҳдуд мекунад, ки ин падида шифоёбии захмҳоро боз ҳам мушкилтар мегардонад. Бахусус барои беморони диабети қанд метавонад ба қатъи (ампутатсия) ангушт ва ё ҳатто пой оварад.

Бо назардошти ин ҳама авориз мутахассисон тавсия медиҳанд, ки кафшро бодиққат интихоб кунем.

Ҳангоми интихоб, ғайр аз андозаи кафш, инчунин сохти анатомии пойро низ бояд ба назар гирем. Кафшдӯзон барои шаклҳои мухталифи анатомии пой кафшҳои муносиб медӯзанд. Кафше, ки мехарем, бояд ҳам аз ҷиҳати андоза ва ҳам аз ҷиҳати анатомӣ ба

МАСЛИҲАТ

# 3 ФОИДАИ ТУХМ

**Бисёриҳо дар субҳона тухм истеъмол мекунанд. Исбот шудааст, ки истеъмоли 2 дона тухм дар давоми рӯз ба саломатӣ боманфиат аст.**



**1.** Хотираро беҳ мекунад. Зардии тухм дорои холин аст, аминокислотаи калидӣ барои интиқоли импулсҳои хурди асаб, ки ба мо кумак мекунад, то ҷузъиётро дар хотир нигоҳ дорем.



**2.** Биниш беҳтар мешавад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки тухм аз лютеин - витамине бой аст, ки барои нигоҳ доштани биноӣ кумак мекунад. Лютеин табиатан дар чашм пайдо мешавад.



**3.** Устухонҳо ва дандонҳо мустаҳкам мешаванд. Тухм аз витамини D бой аст, ки сатҳи калсий ва фосфорро дар хун танзим мекунад. Хӯрдани тухм инчунин организмро бо калсий таъмин мекунад, ки ба устухонҳо қувват мебахшад ва аз остеопороз пешгирӣ мекунад.



## Толеънома



*Ҳамал*
*21.03 - 20.04*

Аввали ҳафта табъи хушатон аз назари наздикону хамсояхо низ пинҳон намемонад. Аз ҳолатхое, ки боиси фишори рухиятон мегарданд, дурӣ ҷӯед. Баъзе ниятхоятон амалӣ мешаванд, одамдӯстиву дилкушодиятон боиси пайдо кардани дӯстони нав мегардад.



*Савр*
*21.04 - 21.05*

Дар ҳалли мушкилиҳои молиявӣ вақти зиёд сарф намекунед. Даводаву ташвишатон зиёд мегардад. Дар ин рӯзҳо хамсуҳбатони шумо зудранҷу нозук мегарданд. Хубтар мебуд, ки танҳо бо нафарони наздик ва дӯстони хуб мешинохтаатон дар робита шавед.



*Ҷавзо*
*22.05 - 21.06*

Агар корҳои нотамом дошта бошед, бехтараш аввали ҳафта хамаашро ба анҷом расонед. Сафарҳои аҷиб ва вохӯриҳои ногаҳонӣ имкон доранд. Тақдир шуморо бо нафароне рӯ ба рӯ мекунад, ки нигоҳ ва ҷаҳонбинии шуморо куллан тағйир медиханд.



*Саратон*
*22.06 - 23.07*

Аз рӯзи сешанбе то рӯзи панҷшанбе эҳсосотатон дучанд гашта, қобилияти пешгӯӣ кардани ходисахоро пайдо мекунед. Аксарият мушкили молиявӣ мекашанд. Имкони пайдо намудани кори хуб пайдо мешавад, вале аз шумо қувваву неруи зиёд талаб мешавад.



*Асад*
*23.07 - 22.08*

Аввали ҳафта кобилияти кориятон дучанд мегардад, вале қувваи худро танҳо барои анҷом додани корҳое равона месозед, ки ба худатон дахл дошта бошанд. Агар дӯстдоштаатон дар ҳама кор дастгиратон бошад, аз уҳдаи бартараф кардани тамоми мушкилиҳо мебароед.



*Сунбула*
*23.08 - 22.09*

Аввали ҳафта дар фикри саломатии худ шавед, ташхис ва як даври табобат неруятонро дучанд месозад. Нисбати дӯстдоштаи худ дағалиро раво набинед, вагарна оштӣ шуданатон душвор мегардад. Бо пули дигарон сарукор нагиред, худатон низ ба касе карз надиҳед.



*Мизон*
*25.09 - 22.10*

Ҳафтаро бо табъи болида оғоз мекунед, хабарҳои аҷибу вохӯрии хотирмон имкон дорад. Охири ҳафта барои вохӯрии ошиқона, муошират бо машваратчиён мусоид аст. Ба қувваи худ бовар кунед, он гоҳ дар ҷодаи муҳаббат ва эҷод муваффақ мегардед.



*Ақраб*
*23.10 - 22.11*

Аз уҳдаи тамоми корҳоятон бо сари баланд мебароед. Сафари хориҷа низ натиҷаи хуб медиҳад. Бо корҳое машғул шавед, ки арзанда бошанд. Барои ободонии хонаву дар маблағи зиёд сарф мекунед. Дар ин рӯзҳо дастгирии дӯстдоштаатонро эҳсос мекунед.



*Қавс*
*25.11 - 21.12*

Аввали ҳафта бо атрофиён забон ёфтанатон душвор мегардад, вале нимаи дуюми ҳафта вазъият рӯ ба беҳбудӣ меорад. Барои он ки атрофиён бо шумо муомилаи хуб дошта бошанд, бояд хоксору заминӣ бошед. Дар акси ҳол, бо дӯстону ҳамкорон мунокиша мекунед.



*Ҷаддӣ*
*22.12 - 20.11*

Аз ҳаёти якранги харрӯза асабӣ мешавед, вале имкони истироҳат карданро намеёбед. Ташвишҳои харрӯза ба дӯшатон бор гашта, ҳатто ба чунин тарзи зиндагӣ одат мекунед. Дар сафар бо нафарони аҷибе шинос мешавед, ки ба ақидаҳоятон таъсири ҷиддӣ мерасонанд.



*Далв*
*21.01 - 19.02*

Дар ин ҳафта вохӯриҳои ногаҳонӣ ва шиносоӣ, тағйироти мусбат имкон доранд. Хусусан миёнаи ҳафта сафарҳои ҷолиб боиси беҳтар гаштани вазъи зиндагиятон мегарданд. Бо нафароне шинос мешавед, ки ба зиндагиятон таъсири ҷиддӣ расонида, кумакашонро мебинед.



*Ҳут*
*20.02 - 20.03*

Дар ин ҳафта кунҷи танҳоӣ ихтиёр карданатон беҳтар аст. Ба ҷойи он ки бо ҳамкорону дӯстон ғайбат кунед, ба мутолиаи китоб ва машқҳои ҷисмонӣ машғул шавед. Аксарияти хутҳо камқуввативу бемадорӣ эҳсос мекунанд, вале худро ба даст гирифтанатон лозим аст.

# РОҲ БА СӮЙИ ОЛМОН

## Чӣ тавр Юсуф Амакиев онро барои шогирдонаш боз мекунад?



**Рӯз аз рӯз сафи забономӯзон дар кишвар зиёд шуда истодааст. Наврасону ҷавонони мо бо ду сабаб забони хориҷӣ меомӯзанд - якум, барои таҳсил дар макотиби олии кишварҳои хориҷӣ; дуюм, барои имкони кору зиндагӣ пайдо кардан дар дигар давлатҳо.**

*Юсуф Амакиев омӯзгори забони олмонӣ аст, ки ҳам дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ва ҳам дар маркази забономӯзии “Ориён, забон омӯз” 16 сол инҷониб ба донишҷӯёну хоҳишмандон дарс мегӯяд ва барои шогирдонаш роҳро ба Аврупо боз мекунад. Мо бо эшон доир ба муҳимияти забономӯзӣ, роҳҳо ва имконоти сафар ба Олмон ва ғайра ҳамсуҳбат шудем.*

### Омӯзгор - роҳнамо

**- Омӯзгорӣ касби серталаб ва бисёр мушкил аст. Чаро ин касбро интихоб кардед?**

- Ман дар оилаи зиёӣ таваллуд шудаам, бародаронам омӯзгор буданд. Медидам, ки онҳо чӣ гуна барои соҳибилму бомаърифат шудани шогирдонашон талош мекунанд ва аз ин шавқ мебурдам. Бинобар ин, ба қароре омадам, ки забон омӯхта, муаллим шавам. Омӯзгорӣ барои ман касб не, балки маънои зиндагӣ, ишқ аст.

**- Чаро маҳз забони олмониро омӯхтед?**

- Вақте 10-сола будам, як филми олмониро бо номи “17 лаҳзаи баҳор” тамошо кардам ва аз ҳамон ҷо шавқи омӯхтани забони олмонӣ дар қалбам пайдо шуд. Яъне, ман аз 10-солагӣ забон меомӯзам ва инак, 43 сол мешавад, ки ба қавле дар даруни забони олмонӣ меҷӯшам.

**- Дар ҳоли ҳозир ба андешаи шумо омӯзгор дар ҷомеа чӣ рисолат дорад?**

- Рисолати омӯзгор роҳнамоӣ аст. Омӯзгор бо донишу хиради худ ҳамчун шахси намунавӣ шогирдонро ба роҳи рост ва накӯкорӣ роҳнамо мегардад. Ӯ инсони покдилу нексириштест, ки муваффақияти худро дар пешравию донишомӯзии шогирдонаш мебинад ва пайваста мекӯшад, ки чун шамъ равшанкунандаи ҳаёти онҳо бошад. Ҳоло рисолату вазифаи омӯзгор хеле бурузг аст, зеро падидаҳои замони муосир диққати хонандагону донишҷӯёнро ҳар замон ҷониби худ ҷалб мекунанд ва барои онҳоро ба илмомӯзӣ роҳнамоӣ кардан кӯшиши зиёд мебояд кард.

### Омӯзишу омӯзонидани забони хориҷӣ

**- Шумо таъсисдиҳандаи маркази забономӯзии “Ориён, забон омӯз” ҳастед. Бигӯед, ки дар марказ дарсҳо чӣ гуна мегузаранд?**

- Шукр, даҳ сол мешавад, ки маркази забономӯзии мо фаъолият мекунад. Аз ин марказ садҳо нафари синну соли гуногун забон омӯхтаанд ва ҳоло дар дохилу хориҷи кишвар кору зиндагӣ мекунанд. Мо ифтихор дорем, ки ба онҳо кумак кардем. Дарсҳои мо ҳафтае се маротиба дусоатӣ мегузаранд.



**- Шумо дар баробари фаъолият дар маркази забономӯзӣ, боз дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ҳам дарс мегӯед. Бигӯед, ки дар куҷо ба шумо дарс додан осонтар аст?**

- Дар донишгоҳ дарс додан осонтар аст, чунки онҳо аллакай донишҷӯ ҳастанд, сатҳашон баробар аст, дар бораи забон тасаввурот доранд. Аммо дар марказ синну соли забономӯзон гуногун аст. Ин боис мегардад, ки раванди дарсгузорӣ халал ёбад, чунки фаҳмишу ҷаҳонбинӣ фарқ дорад ва ҳар забономӯз ба қадри худ мавзӯҳоро дарк мекунад.

**- Барномаи таълимии марказро чӣ гуна сохтаед ва як забономӯз дар чанд муддат забони олмониро меомӯзад?**

- Дар марказ мо бо усули интерактивӣ (усули фаъоли таълим) дарс мегузарем. Ин усули аврупоист ва барои омӯхтан, махсусан аз худ кардани забони хориҷӣ хеле мувофиқ аст. Дар муддати шаш моҳ забономӯзон метавонанд озодона бо забони олмонӣ суҳбат кунанд.

**- Ҳоло хурдтарин ва калонтарин шогирдатон чандсолаанд?**

- Аз 11-сола то 55-сола.

### Чӣ гуна метавон ба Олмон рафт?

**- Барои ба мактаби олии Олмон дохил шудан чанд муддат бояд дар Ватан забон омӯхт?**

- Ин масъала нозукиҳои худро дорад. Таҳсил дар Олмон ба шарте имконпазир мегардад, ки забономӯз ҳадди ақал якуним сол забон омӯзад ва гувоҳномаи “С1”-ро ба даст орад.

**- Ин гувоҳномаро чӣ гуна метавон дарёфт кард?**

- Забономӯзон барои гирифтани гувоҳномаи “С1” дар Филиали Донишкадаи ба номи Йоҳан Волфганг Гёте дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар Душанбе дар маркази забономӯзии „SLZ“ имтиҳон месупоранд.

**- Аксари онҳое, ки забони олмонӣ меомӯзанд, ният доранд пас аз омӯзиш ба Олмон сафар карда, кор ё таҳсил кунанд. Ба онҳое, ки мақсади кор кардан дар Олмонро доранд, шумо чӣ кумак карда метавонед?**

- Пас аз муддати муайяни таҳсил, ман аз шогирдонам мақсади омӯзиш ва нақшаҳои ояндаашонро мепурсам. Ба онҳое, ки бо нияти кор кардан ба Олмон сафар намудан мехоҳанд, мусоидат мекунам, ки бо намояндагони ширкатҳои корфармо тариқи интернет ҳамсуҳбат шаванд. Дар натиҷаи мусоҳиба маълум мешавад, ки шогирдони ман аз имтиҳони онҳо мегузаранд ё не. Агар ба ширкатҳои корфармо лозим бошад, ҳуҷҷатҳоро омода карда, ба кор мефиристем.

**- Мутахассисони кадом соҳаҳо ба Олмон лозим аст?**

- Аввалан, мутахассисони тиб бисёр лозиманд ва ҳар нафар метавонад дар ин соҳа кор ёбад. Мутахассисони хоҷагии қишлоқ, аз қабили обёрӣ, зироаткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва ғайраҳо ниҳоят даркоранд. Ва боз даҳҳо касбу кори дигар, аз ҷумла, сартарош, ошпаз, кафшергар, оҳангар, электрик...

**- Шумо аз соли 2006 инҷониб ба омӯзонидани забони олмонӣ машғулед. Бигӯед, ки дар ин муддат чанд шогирдатон имкони ба Олмон сафар карданро барои таҳсилу кор пайдо карданд?**

- То ҳол тахминан зиёда аз чор ҳазор шогирди ман барои таҳсил ва кор ба Олмон рафтаанд, ки аз ин теъдод 50 фисадашро донишҷӯёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ташкил мекунад.

**Мусоҳиб:
Меҳрубон**

---

## МАВЛУДНОМА

**• 1 ФЕВРАЛ •**

**Георгий Дзалаев** (1954), 70-солагии зодрӯзи кинорежиссёр ва кинооператор.

**Абдусамад Қодиров** (1934- 2004), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

**Ҳусейн Мирзоев** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Шариф Раҳмонов** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Баҳром Сайфиддинов** (1949), 75-солагии зодрӯзи коргардони телевизион ва кино, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Шаиқул Ҳамроқулов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**• 2 ФЕВРАЛ •**

**Мунаввара Қосимова** (1914-1968), 110-солагии зодрӯзи арбобзани давлатӣ.

**Тоҷиддин Муҳиддинов** (1949-1997), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Оқил Оқилов** (1944), 80-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Восит Саидов** (1909-1989), 115-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Муртазоқул Хидиров** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Саидхон Ҷӯрахонов** (1954), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Бузурги Алавӣ** (1904-1997), 120-солагии зодрӯзи нависанда ва олими эронӣ.

**Василий Струве** (1899-1965), 125-солагии зодрӯзи шарқшиноси рус, муҳаққиқи тамаддуни қадими тоҷикон.

**• 3 ФЕВРАЛ •**

**Фёдор Бережной** (1899-1982), 125-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Лев Катасёв** (1919-1999), 105-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика.

**Шодӣ Саттор** (1944), 80-солагии зодрӯзи шоири ӯзбекзабони Тоҷикистон.

**• 4 ФЕВРАЛ •**

**Абдулло Абдураҳимов** (1939-2010), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Гулоб Бодурхонов** (1939), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Латиф Комилӣ** (1954), 70-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**• 5 ФЕВРАЛ •**

**Курбоналӣ Пиров** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Савлатшо Ховарӣ** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Эраҷ Ҷонмирзоев** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**• 6 ФЕВРАЛ •**

**Валӣ Мамадов** (1924-1994), 100-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Константин Липсекаров** (1889-1954), 135-солагии зодрӯзи шоири рус, мутарҷими осори адибони классики форс-тоҷик.

**• 7 ФЕВРАЛ •**

**Ҳабибулло Абдуллоев** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Зуҳро Баҳромова** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Маҳбубаи Неъмат** (1949), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,
Ҳ. АМРИДДИН,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун тахти фехристи №4-М-24, аз санаи 17.10.2008 ба номи Асламхонов Мамадҷон, бо суроғаи ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, ҷамоати деҳоти Қаҳрамон, деҳоти Гулистон, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ҳамадонӣ ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос ва шаҳодатномаи ҶДММ "Бахтиёр 2015", РМА: 120040944, ки соли 2015 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (кассовый аппарат) Миника 1105Ф, №2018965, ба номи Валихоҷаев Абдураҳмон Абдушукурович, РМА: 045433261, ки соли 2014 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0642331 ба номи Мирзошарипов Бахтиёр Мирзоалиевич, ки санаи 05.07.2019 аз ҷониби МТМУ №56-и ноҳияи Сино ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10 Т-ШТА №650530 ба номи Қиёмиддинова Зебонисо, ки соли 1991 аз МТМУ №10-и ноҳияи Данғара дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси хоҷагии деҳқонии Одилҷон - А, РЯМ: 0730044462, РМА: 075586618, ки аз санаи 04.03.2011 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровардa шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0969798 ба номи Файззода Шаҳбози Аҳмад, ки соли 2021 аз МТМУ №47-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии Кооперативи тиҷоратии Наврӯз-1993, РЯМ: 0710004149, РМА: 070009057, ки аз 22.10.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровардa шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №0682358 ба номи Самадов Зикрулло, ки соли 2018 аз МТМУ №66-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №1192284 ба номи Ҳафизов Муҳамадшариф, ки соли 2023 аз МТМУ №66-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 №030571 ба номи Раҳматов Шарофиддин Ситамович, ки соли 1998 аз Литсейи касбии техникии сохтмонӣ (собиқ училище №30) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи бақайдгирӣ (регистрационный лист) №15016, ба номи Учаев Борис Григорьевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон, хонаи 22, ҳ. 50, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба номи соҳибкори инфиродӣ Назимова Зумрат Зайниевна, №0563987, РЯМ: 0430229736, санаи судур 24.08.2022, Нозироти андози ноҳияи Сино, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, №26168, соли 2017, ба номи Эшова Рачабмоҳ, бо суроғаи ш. Ҳисор, ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Дурбат, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандии А02044897 ба номи Вистодакова Азима Ошуровна, ки санаи 27.06.2019 аз ШВКД ноҳияи Варзоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Якубов Наимчон, РМА: 075549879, РЯМ: 0730230463, санаи таъсисёбӣ 30.07.2023, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Сафарова Моҳира, РМА: 076502255, РЯМ: 0730191761, санаи таъсисёбӣ 21.06.2019, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши ҳиссаи хонаи истиқоматӣ тахти фехрасти 1Ш-378, ки аз 02.04.2012 аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Набиева Муборак Худойқуловна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Володарский, хонаи 30/1 ба расмият даровардa шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 17-уми декабри соли 2009, тахти фехрасти №4М-175 ба номи Фатхулаева Шарбону Ҷумаевна, Фатхулаева Бибизайнаб ва Фатхулаева Шоиста нисбат ба манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Спартак, хонаи 63 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода санаи 27-уми июли соли 1994, тахти фехрасти №3-Д-236 ба номи Сулейманова Мавлюда Махмадалиевна нисбат ба манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, кӯчаи Мир, хонаи 73 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Иноятов Мухаммад, РМА: 076271972, РЯМ: 0730161915, санаи таъсисёбӣ 07.04.2018, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Аттестати синфи 10 С №010235 ба номи Бадалова Муяссар Қурбонмуродовна, ки соли 1990 аз МТМУ №15-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Навин Технология", РЯМ: 0710019217, РМА: 070017168, санаи таъсисёбӣ 03.07.2019, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Компания Маъруф", РЯМ: 0410009729, РМА: 040002673, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид**
**United Nations Development Programme**

Программа Развития Организации Объединенных Наций (ПРООН) ведет свою деятельность в Таджикистане с 1994 года и представляет собой широкий спектр деятельности, в том числе по сокращению бедности, демократическому управлению, предупреждению кризиса, энергетики и окружающей среде, и снижению бремени ВИЧ/СПИД, ТБ и Малярии.

**ПРИГЛАШЕНИЕ НА ТЕНДЕР**

ПРООН в Таджикистане объявляет следующие тендеры:

- **UNDP-TJK-00253 - Assessment Study to determine the technical and economic possibilities of upgrading Kayrakkum reservoir taken into consideration multi-purpose operation and benefits - Оценочное исследование для определения технических и экономических возможностей модернизации Кайраккумского водохранилища с учетом многоцелевого использования и выгод -** Крайний срок подачи предложений– **15 февраля 2024 г. до 12:00 часов (местного времени).**

Для получения информации и документации по вышеуказанным тендерным объявлениям, а также по другим возможностям сотрудничества с ПРООН в Таджикистане, пожалуйста, посетите наш веб-сайт https://www.undp.org/tajikistan раздел **Procurement**. В случае возникновения вопросов, касающихся тендеров, проводимых ПРООН Таджикистан, адрес электронной почты приведен ниже.

**Контактные данные:** Адрес: 734024, г. Душанбе, Таджикистан, ул. Айни 39
Тел: +992 (44) 6005596/97, 6005600/01; Эл.почта: procurement.tj@undp.org

# КАМБАҒАЛӢ АЙБ НЕСТ АЙБ АСТ!



(Аввалаш дар шумораи гузашта)

Камбағалии мову ватани моро касе кор надорад. Оё мушоҳида кардаед, ки ба камбағалон одатан қарз намедиҳанд, метарсанд, ки баргардонида наметавонад...

Дар Русия силсилаи латифаҳо паҳн шудааст, ки намояндагони "новый русский"-ро зери тозиёнаи танқид гирифтаанд. Оё таваҷҷуҳ кардаед, ки ҳадаф аз ин латифаҳо на танқиду маҳкуми сарватмандӣ, балки сарватмандони бехирад аст, сарватмадоне, ки аз ҳисоби авомфиребӣ ба ин мартабаи дороӣ расидаанд...

## Психологияи миллӣ

Чаро мо тоҷикон аз руҳияи камбағалӣ халос шудан намехоҳем? Дуруст аст, ки барои бой шудан фазои казоӣ надорем. Вале мусаллам аст, ки ин фазоро барои мо ба ғайр аз худи мо каси дигар муҳайё нахоҳад кард. Аммо барои ин мо бояд аз руҳияи дохундапарастӣ озод шавем. Яке аз сарчашмаҳои иҷтимоии он, ки сохти феодализму ҳокимияти Шӯравӣ буд, аз байн рафт. Монд сарчашмаи дигар - психологияи миллӣ, ки дар он ҳиси бадбинӣ ба сарвату моддиёт, парастиши зиндагии дарвешона зуҳур меёбад. Ин сарчашма устувортар аст, чунки он асрҳои аср таблиғу тарғиб меёфт ва мутаассифона, дар даврai Шӯравӣ он дубора қувват гирифт. Ва шароити зиндагии камбизоатии қишре аз аҳолии имрӯза.

Вокеан, дар омади гап, дар тамаддуни маздоясной, бахусус Зардуштия сарвату боигарӣ парастида мешуд. Зардуштиён агар ба якдигар мадҳе гуфтанӣ мешуданд, ҳатман дар қатори аввал сарватмандии якдигарро таманно мекарданд. Қурбонии бемору нотавонҳоро қабул надоштанд. Тиллову нуқра ва ҷавоҳиротро меписандиданд. Эзидбонуи зеботарини маздоясной Ардвисура Анахита дар сарулибоси зебову шинам, қимматбаҳо, бо лавозимоти ороишии тиллоиву сангҳои қимматбаҳо пеши муғон падидор мегашт...

## Ризқи ночиз - амри тақдир?

Боз пеши назарам нигоҳи маҳкумкунандаи қисми зиёди шаҳрвандон меояд ва кинояҳои дағалонаи ишонро оид ба ҷавонони хушандому мошинсавор, ки ба кӯчое шитоб доранд, мешунавам. Чаро мо онҳоро бад мебинем?! Барои он ки онҳо бойанд, сарватманданд?! Барои он ки ишон иртибот бо бозори моддию маънавии ҷаҳонӣ доранд, аз иттилооти ҷаҳонӣ бохабаранд ва моле доранд, ки ҷаҳониён ба он ниёз доранд?! Чӣ соддаем мо дар ин ғазаби беасоси хеш. Чаро мо ба ин масъала аз тарафи дигар нигоҳ намекунем - аз он тараф, ки мо худамон кӯшиш ба харҷ диҳем, ки ҳамин зайл бою сарватманд гардем, инглисидон шавем, тоҷик будани худро на барои худ, балки барои ҷаҳониён собит созем?! Шояд кӯшиши бой шудани мо беҳтар будагист аз он, ки асрҳои аср моро дар руҳияи камбағалӣ тарбия менамуданд. Итминони комил дорам, ки имрӯз тоқат намудан ба ризқи ночиз ва онро амри тақдир донистан - ҳамаи ин руҳияест, ки зимомдорону ҳокимони пешинаи мо барои мо бофтаанд. Дар асл ишон намехостанд, ки дар мисоли авлодони минбаъдаи мо рақибе дошта бошанд, мехостанд танҳо худашон соҳиби мутлақи сарвату моликият бошанд.

## Ақидаи зарарнок

"Камбағалӣ айб нест" аз назари имрӯз хурофот аст, балки ақидаи зарарнок. Ақидаест, ки моро ба қафо мекашад. Мову шумо дар тайи чанд соли охири зиндагии қашшоқона хуб дарк кардем, ки камбағалӣ руҳияи хатарнок аст, инсонро руҳафтода, аз зиндагӣ дасту дилканда менамояд. Инсони руҳафтода дар дил орзу надорад ва ҳатто агар дошта бошад ҳам, мурғи ормонаш паршикаста аст. Камбағалӣ ба инсон пайваста маризиҳо меорад, ки табобати он, тавре аз таҷриба медонем, хеле гарон аст. Мусаллам аст, ки инсони руҳафтода бештар ба маризӣ дучор мешавад ва ғолибан ба касалиҳои руҳӣ. Камбағал - инсони муғамбир мешавад, ночору нотавон, дасташ кӯтоҳ, пеши хешону фарзандонаш миннатшунаву шарманда. Аз тарафи дигар камбағал гуфта шахси тамбалу беҳавсала ва бесаводу бехирадро гӯянд. Аз ин хотир, биёед ба одамони сарватдор эҳтиром гузорем, ба онҳое, ки бо истеъдоду меҳнати ҳалоли худ раҳ ба бозори ҷаҳонӣ ёфтаанд, аз он истифода кардаанд ва худашонро ба он муаррифӣ кардаанд. Ва пайрави онҳо шавем.

Шиори миллии мову шумо дар асри нав мебояд сарватманд шудан бошад. Сарватмандӣ ба хотири пешравӣ, ба хотири дастро дар набзи ҷаҳон доштан. Ба хотире, ки Бердяев моро ба озодии маънавӣ ва эҷодкорӣ ҳидоят кардааст, биравем.

Минбаъд пирӯзу дастболо касеву қавме хоҳад шуд, ки агар набзи ҷаҳонро ҳис кунад. Ба ин хотир, биёед ҳамакаса тарзе меҳнат бикунем, ки доро бошем. Барои сарватманди асил будан неруҳои худодиву меҳнати ҳалол кардан лозим мешавад ва худшиносиро дар фазои иттилооти ҷаҳонӣ қиёс кардан лозим меояд. Давлатдорӣ мову шуморо оптимист месозад, аз мо созандаву эҷодгар тарбия менамояд.

Ашрофони Юнони Қадим маҳз тавассути сарватмандӣ шоҳасарҳои адабию хунарӣ, фалсафию илмӣ эҷод кардаанд.

Чӣ, Эзоп ғулом буд мегӯед-мӣ? Дуруст аст. Вай ғулом буд, вале руҳан озод буд. Олами ботинии вай озод буд. Аз ин ҷост, вақте ки ғуломдор аз ӯ таоми болаззат талаб мекунад, вай забонро меорад. Ва баъд бо дархости соҳибаш таоми белаззат меорад - ҳамон забонро...

## Аз пайи Аврупо, Амрико ва Ҷопон

Шояд гӯянд: муаллифи ин мақола сафсаттаҳои умумиро мегӯяд. Мушаххасан чӣ кор кардан мумкин, ки мардум аз пайи ин кор шаванд?

Масъалае, ки оидаш мо баҳс мекунем, кашфиёт нест. Инҷо дубора велосипедро ихтироъ кардан нашояд. Пешниҳоди мушаххасе, ки муаллиф ба таваҷҷуҳи хонанда вогузошта метавонад, ин пеш аз ҳама омӯхтани таҷрубаи Урупову Амрико ва Ҷопон аст дар ин бахш. Масалан, психология ва усулу услубҳои сарватмандшавӣ дар асарҳои Дейл Корнеги, ки хушбахтона дастрас кардан мумкин аст, хеле соддаву омафаҳм баррасӣ шудаанд. Қироати асарҳои Корнеги хонандаро ба устувории чунин ақида меорад: худи хозир ҳар қадоми мо баробар бидуни истисно соҳиби хазинаи гаронбаҳоем. Яъне чӣ хел? Боигарии аз ҳама гирову арзишнок - ин мағз аст, мағзе, ки эҷод мекунад. Дар тамаддуни пешсафи башарӣ маҳсули мағзи эҷодгар ҳамеша қадру арзиши воло дошт ва дорад ва хоҳад дошт.

Потенсиали интелектуалии миллати мо тавре ки медонем, бе шак қавию бой аст. Ин ҳолат дар қиёс бо ҳамкорӣ бо хориҷиён хеле рушан мушоҳида мешавад. Дар баъзе мавридҳо кобилияти фикрии намояндагони миллати мо болотар аз хориҷиён менамояд. Вале мо дар дигар чиз дасткӯтоҳ ҳастем ва маҳз аз ҳамин сабаб неруи ақлии моро хориҷиён мисли маҳсулоти агросаноатиамон беғаразу боғараз ба сифати "маҳсулоти хом" истифода мекунанд. Неруи ақлии мо ба "технологияи" пешқадами ҷаҳонӣ мутобиқ кунонида нашудааст. Мисоли оддии ин иддао дар он аст, ки олимони мо дар таҳқиқи баъзе масоили хосаи илмӣ хеле пеш рафтаанд, вале азбаски инглисиро намедонанд, аз тарзу низоми нави пешниҳоди кашфиётҳои илмӣ бехабаранд ва ҳам аз ҷараёни умумиҷаҳонии фаъолияти илмӣ берун мондаанд ва кашфиётҳои хеле гаронбаҳои худро, ки дар бозори ҷаҳонӣ арзиши хеле баланд доранд, ба маънои мусбаташ ба фурӯш баровarda наметавонанд ё арзон мефурӯшанд.

## Иштибоҳи умумимиллӣ

Сабзалӣ Шарифов - Рассоми халқии кишварамон дар яке аз суҳбатҳои хоса нақл кард, ки чанд сол пеш дар Олмон рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон баргузор гардида буд ва нафарони зиёди хориҷӣ ба асарҳои ӯ марок зоҳир карда, аз ӯ хариди онҳоро дархост намудаанд, вале аз сабаби он ки низомҳои маъмули умумиҷаҳонӣ дар ин кор риоя нашуда буданд, фурӯши асарҳои рассоми хеле боистеъдоди мо ба амал наомад. Ин ҳама нишонаи беиттилоотии мост. Низоми технологияи маънавиёту моддиёти бозори ҷаҳониро намедонем ва нисбати он беэътиноӣ зоҳир мекунем.

Дар кишвари мо як иштибоҳи умумимиллӣ аз азал реша давонидааст. Мо ақлу хираду истеъдодро худодод дониста, барандагони онҳоро иззату эҳтиром мекунем, вале маҳсули меҳнати онҳоро сазовор, тарзе ки ин кор дар тамаддуни пешсафи ҷаҳонӣ суннат шудааст, музд намедиҳем. Вале умед ҳаст, ки дер ё зуд мо аз ин суннат даст хоҳем кашид, чаро ки маҷрои тамаддуни ҷаҳонӣ дигар аст ва чун мо худро ба ҷаҳониён гаравидан мехоҳем, умед аст, дар ҳамин маҷро хоҳем рафт ва воқеан рафта истодаем. Аз ин нигоҳ, биёед, худамон соҳиби тақдири худамон шавем, дониш бардорем, ҷаҳони навро биомӯзем, технологияи нави онро азхуд кунем, фарзандонамонро дар руҳияи нави ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ тарбия намуда, ватандориву ватанпарастиамонро дар қиёсу партави ҷаҳоншиносӣ бубинем. Аз ин нигоҳ сарватманд будан айб нест. Балки шараф аст...

*Саъдиё, ҳубби Ватан гарчи ҳадисест шариф,*
*Натавон мурд ба сахтӣ, ки дар ин ҷо зодам.*

**Саъдуллоҳ РАҲИМОВ,**
**файласуф**



## Роҳкиро

Духтари нимбараҳнае ба таксӣ мешинад. Ронанда зуд-зуд тоб хӯрда, ба духтари қариб лучак нигоҳ мекунад. Духтар бо ғазаб:

- Ту чӣ, одамро бори аввал мебинӣ?

Ронанда:

- Не, ман ҳаминашро фаҳмидан меҳоҳам, ки ту пулро аз куҷоят мебарорӣ.

## Зани ришдор

Марди бемӯе аз дорухона маҳлул барои афзоиши мӯйро харидорӣ мекунад:

- Ба фикри шумо, ин дору ба ман фоида мекунад?

Доруфурӯш:

- Албатта, фоида мекунад. Шумо ҳамон шахси ришдорро дар назди касса мебинед?

- Ҳа,- мегӯяд мард.

- Ӯ завҷаи ман аст. Боре ҳамин доруро бо дандонаш кушодан хосту риш баровард.

## Рӯйхат

Нависандаи ҷавоне шаб машғули эҷод аст. Ногоҳ занаш ба назди ӯ омада, мебинад, ки дар вараќе номи духтарҳо қатор навишта шудааст.

Зан ба ғазаб омада, мегӯяд:

- Шарм намедорӣ, ки маъшуқаҳоятро рӯйхат мекунӣ?

- Азизам, инҳо маъшуқаҳои ман не, балки номҳои сохта барои сюжети асарҳоям,- мегӯяд шавҳар.

Зан варақро бо қаҳр даронида:

- Медонӣ чӣ, сюжетнависак, агар ман сюжет нависам, рӯйхаташ аз рӯйхати ту зиёдтар мешавад!

## Ирода

Зане бо шавҳараш моҷаро мекунад:

- Ҳой мардак, ту нӯшиданро кай бас мекунӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Ту худат нағз медонӣ, ки ман чандон одами боирода не,- посух медиҳад шавҳар,- ҳарчанд кӯшиш мекунам, нашуда истодааст.

Зан мегӯяд:

- Се сол боз роҳи ҷогаҳи маро фаромӯш кардӣ, ба ин иродаат мерасаду ба арақа партофтан не?

## Фарқаш чӣ?

Марде аз муҳоҷират ба хонааш баргашта, мебинад, ки дар рӯи ҳавлӣ се писарбача бозию шӯхӣ доранд.

- Занак,- рӯ меорад шавҳар ба завҷааш,- инҳо бачаҳои кӣ?

- Аз они худамон.

- Аҷоиб! Кай онҳо ба дунё омаданд?

- Калониаш, дар хотир дорӣ, ман туро хабаргирӣ рафта будам. Миёнангияш баъди ба рухсатӣ омадани ту таваллуд шуд.

- Хайр майлаш,- мегӯяд шавҳар,- сеюмаш кай таваллуд шуд?

- Ба ту фарқаш чӣ? Бигзор бозӣ карда гаштан гирад.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

Намаки хӯрокро фаҳмиданӣ шуда, шикамашро сер кард.

***

Қалами аризабоз шикаст. “Эй кош, гарданам мешикаст”,- ҳасрат кард ӯ.

***

Ҳар гоҳ ки чашмаш ба гове бармехӯрд, Худоро шукр мегуфт, ки хайрият занаш шох надорад, вагарна кайҳо шикамашро зада сӯрох мекард.

***

Шунидани на ҳама калимаҳое, ки дар таркибашон “хуш” (чун хушбахт, хушҳол, хушдил...) доранд, гуворост. Масалан: хушдоман.

***

Обро лой карда моҳӣ доштанро дӯст намедошт, вале чун дигарон обро лой карданд, зуд ба моҳидорӣ мепардохт.

***

Бинои тозабунёди заводи хишт фурӯ рафт. Муҳандисро аз кор хориҷ карданд, ки дидаю дониста биноро аз хишти истеҳсоли худӣ сохтааст.

***

Насими фороме мӯи сари сардорро маҳин-маҳин ба хеле гуворо навозиш мекарду ӯ аз ин ҳаловат мебурд. Хушомадгӯӣ инро дида, аз рашк дарун-дарун месӯхт.

***

Аз дуоҳои навбаромад: Илоҳо, ҳеҷ гоҳ аз бӯҳрони иқтисодӣ раҳо наёбӣ.

***

Аз дуоҳои навпадид: Илоҳо, хешу таборат чун Иттиҳоди Шӯравӣ пароканда шаванд.

***

Дигарон забон раҳо карданду даст боздоштанд, ӯ даст раҳо карду забон боздошт.

***

Ронандаи экскаватор, ҷавонмарде муҷаррад, ҳасрат мекард:- Эҳ, агар чун Фарҳод Ширине медоштам, дар андак муддат то ба хонааш бо тракторам ҷӯйборе канда, ба никоҳам медаровардамаш.

***

Баробари кушода шудани даҳони сароянда даҳони кисаи тамошогарон низ кушода шуд.

***

Дар бозор маҳсулотро аз рӯи рангашон растабандӣ карданд. Нос дар растаи сабзавот ҷой гирифт.

***

Азбаски нархи ҳама чиз боло рафт, ноилоҷ нархи харро ҳам афзуданд.

***

“Ҳақи худро аз даҳони шер мебояд гирифт”,- гӯён барчасту туъмаи шер шуд.

***

Фарбеҳиро на танҳо гӯсфанд, балки раиси колхози мо ҳам мебардорад.

***

Даҳонаш пур аз дандони тилло шуд, аммо суханаш тиллоӣ нагашт.

***

Бобои Барфӣ мафтуни нозу карашмаи бонуе гашта, беихтиёр ӯро ба оғӯш кашид. Дар натиҷа аз ҳарорати бадани бону обу адо шуд.

***

Бозаргонеро Бобои Барфӣ баргузиданд. Ӯ бо баҳонаи қазои ҳоҷат аз давра берун рафт ва бархе аз тӯҳфаҳои солинавиро бо баҳои даҳчанд ба савдо зад.



**Абдурауф МУРОДӢ**

## Сканворд

